АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ

ВБД: 338.43 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

РАҲМОНЗОДА ДИЛОВАР РАҲМОН

ТАКМИЛИ АГРОМАРКЕТИНГИ МАҲСУЛОТҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Роҳбари илмӣ: Ашуров И.С.
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Душанбе -2025

Диссертатсия дар институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Ашуров Ихтиёр Саидович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи “Молия ва қарз”-и Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Аминов Иномҷон,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳасанзода Фарзона Шермадхон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия рузи «05» июли соли 2025, соати 13^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru , телефони котиби илмӣ: (+992) 101-17-90-90) баргузор мегардад. .

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ё дар сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур www.taiagroun.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2025 фиристода шудааст.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Аз оғози ислоҳоти куллии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 30 сол гузашт. Дар ин давра дар соҳаи кишоварзӣ шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ташаккул ёфт, институти моликияти хусусӣ амалӣ гардида, ба ҷои иқтисоди нақшавӣ иқтисоди бозорӣ ба миён омад. Тағйиротҳои ҷиддие, ки дар сохтори хоҷагидорӣ ба амал омад ва моликияти хусусӣ бояд ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзиро баланд бардошта, боиси афзоиши бемайлони ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ мегардид. Аммо ин тавр нашуд. Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ба 16,1 сомонӣ дар як одам/соат ташкил намуд, ки нисбат ба соҳаи саноат қариб 11 маротиба кам аст. Истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2019-ум 7,4% афзудааст. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ низ 3,4 банди фоизӣ зиёд шуда, ба 24,3% расид. Ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ дар сохтори воридот ба 19,6 фоиз баробар шуд [1; 3;,4].

Ҳамаи ин ба таври боварибахш шаҳодат медиҳад, ки низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ ниёз доранд.

Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, идораи маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ яке аз механизмҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ҳамин сабаб «Инкишоф додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва аз байн бурдани мушкилоти дастрасии бозор барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ» вазифаи муҳими стратегӣ дониста мешавад»[6].

Камбудиҳои ислоҳоти аграрӣ, махсусан, дар минтақаҳое, ки захираҳои меҳнатии аз ҳад зиёд дар деҳот ва нарасидани заминҳои ҳосилхез мавҷуданд, ба таври манфӣ зоҳир гардиданд. Дараҷаи пасти тараққиёти комплекси агросаноатӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ислоҳот ба афзоиши бекорӣ, паст шудани дараҷаи зиндагонӣ, баланд шудани шиддати иҷтимоӣ оварда расонид.

Кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, рушди он метавонад боиси ҳалли масъалаҳои муҳимии иҷтимоӣ гардад.

Бояд ба назар гирифт, ки солҳои охир ба бозори озуқавории кишвар маҳсулотҳои воридоти мавқеъи асосиро бозида истодаанд, зеро дар солҳои 2019-2023 ба ҳисоби миёна ба бозори кишвар 1072,3 ҳаз.т. гандум, 68,9 ҳаз.т орд, 15,1 ҳаз.т картошка, 103,5 ҳаз. т равғани растанӣ, 14,7 ҳаз. т сабзавот, 32,8 ҳаз. т мева, 15,9 ҳаз. т гӯшт, ва маҳсулоти гӯштӣ, 8,2 ҳаз.т шир ва маҳсулоти ширӣ, 155,5 ҳаз. т қанд ворид гардидааст[1].

Ҳол он кӣ, танҳо дар соли 2023-юм 722,1 ҳаз. т картошка, 2712,0 ҳаз. т сабзавот, 559,4 ҳаз. т меваҳо, буттамеваҳо ва ангур, 683,3 ҳаз. т шир ва маҳсулоти ширӣ нисбат ба истеъмол боқӣ монда на коркарди саноатӣ шудаанд ва на ба хориҷи кишвар интиқол ёфтаанд [3].

Ин ҳолат аз сатҳи пасти ташкили агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Бо сабаби набудани сохторҳои идораи маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ сар карда аз хоҷагиҳои кишоварзӣ

то сатҳи шаҳру вилоятҳои кишвар ҳамасола қисми зиёди маҳсулотҳо талаф меёбанд. Сатҳи пасти молнокии маҳсулотҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки нақшаи стратегии фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ таҳия нагардидааст. Назорати фурӯши маҳсулотҳо танҳо ба зиммаи истеҳсолкунандагон гузошта шудааст. Корхонаҳои саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ бо сабаби надоштани маблағ наметавонанд маҳсулотҳои истеҳсол намудаи деҳқононро дар мавсими ҷамъоварии ҳосил харида коркард намоянд. Дар кишвар сохторҳои тиҷоратии хариду захира намудани маҳсулотҳои кишоварзӣ қариб аз байн рафтаанд. Бозори маҳсулотҳои кишоварзиро миёнаравони бозор аз худ кардаанд ва ба деҳқон дар бозор ҷой намондааст. Миёнаравон бо нархҳои паст маҳсулотро аз деҳқон харида онро бо нархи дучанд ба харидорон мефурӯшанд. Аз ин ҷо ӯҳдадориҳои қарзии соҳаи кишоварзӣ дар охири соли 2023 ба зиёда аз 3 млрд сомонӣ баробар шудааст. Кор ба ҷое расидааст, ки истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои стратегии пахта аз истеҳсоли 1 кг пахтаи хом то 4 сомонӣ ва аз 1 кг пилла то 21 сомонӣ зарари иқтисодӣ дидаанд.

Мутаассифона сохторҳои мутасаддии соҳа, вазорату идораҳо ин ҳолатро нодида мегиранд ва аз ин ҷо истеҳсоли ин маҳсулотҳои стратегӣ сол аз сол коҳиш ёфта истодааст. Ҳолати мазкур талаб менамояд, ки давлат бояд тавассути қабули барномаҳои махсус низоми истеҳсол ва фурӯши маҳсулотҳои озуқавориро ба роҳ монад, зеро дар ҳолати надидани чораҳо, амнияти озуқавории кишвар зери хавф қарор мегирад.

Давлати Тоҷикистонро зарур аст, ки роҳҳои нави нигаҳдории маҳсулотҳои соҳаи кишоварзиро тавассути сохтани сардхонаҳо ба роҳ монад, зеро бозорҳои дар Россия ва Қазоқистон бударо давлатҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон аз они худ кардаанд. Аз ин ҷо зарурати бастани шартномаҳои байнидавлатӣ оиди хариди маҳсулотҳои кишоварзӣ амри зарурист.

Ҷустуҷӯи бозорҳои нави маҳсулотҳои кишоварзӣ дар кишварҳои дигар, аз ҷумла Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Хитой тавассути ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ хеле самаранок хоҳад шуд. Бастани шартномаи байнидавлатӣ бо Покистон метавонад ҳалли мушкилоти фурӯши маҳсулотҳои кишоварзии моро осон намояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Ба таҳқиқоти мавзуи мазкур асарҳои олимони машҳури ҷаҳонӣ, аз ҷумла: Филип Котлер [40], Джек Траут [34], Барден Фил [23], Карл Сьюэлл [37], Пол Браун [37], Чан Ким [51], Рене Моборн [51], Дэвид Огилви [35], Гарри Беквит [29], Сет Годин [47], Роберт Чалдини [45], Эл Райс [52], ва ғ. бахшида шудааст.

Дар солҳои охир масъалаҳои идораи маркетинги кишоварзӣ аз ҷониби олимони рус Абрамишвили Г.Г [15]., Абрамова, Г.П [16]., Ерлыгина Е. Г. [8], Яманов А. А. [8], Болшаков Н. [7], Ковалева И.В [9]., Кузубов А.А [10]., Митякина Т.А [12]., Александер Р [17]., Клюкач В.А [38]., Багиев, Г.Л [21]., Гайдаенко, А.А [27]., Кулак С.Н [41]., Неганова, В.П [44]., Лойх И.М [42]., Цыпкин Ю.А [50]., Люкшинов

А.Н [50]., Эриашвили Н.Д [50]. ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Асосҳои назариявӣ ва баҳои амалии идораи маркетинги кишоварзӣ дар асарҳои олимони тоҷик Аминов И.А[19]., Бозоров Ш.Ш[25]., Бойматов А [26]., Ғаниев Т.Б [28]., Зикриёев Ф.Ф [36].,Қодирова Г.Т [39]., Мадаминов А.А [11]., Сарабекова И.З [46]. ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Хусусан, солҳои охир Аллашукуров Б.Э [18]. доир ба рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, Арипов О.Х [20]., - рушди устувори савдои чакана, Германчук А,Н [30]. - трейд-маркетинг, Дадоходжаев А.А [31]. - ташаккули бозори маҳсулоти чорводорӣ, Джалолов А.А [32].- рушди бозори хариди давлатӣ, Джамшедов М [33]. - рушди иҷтимоию иқтисодии бозори маҳсулотҳои истеъмолӣ, Зикрияев Ф.Ф [36]. - ташаккул ва рушди сохтори идораи маркетинг, Мухторзода С.С [53].- ташаккул ва рушди савдои бонизом, Накимов С.П [43].- бозори гӯшт ва механизми танзими давлатӣ, Сарабекова И.З [46]. - истифодаи маркетинги инноватсионӣ дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, Урунова С.А [48].- рушди мерчендайзинг дар бозори чакана, Ходжибаева М.А [49]. - хусусиятҳои бозори истеъмолии минтақавӣ ва дигарон рисолаҳои илмӣ навишта, дифоъ намудаанд.

Тадқиқоти олимони тоҷик, асосан, ба усулҳои таҳқиқоти бозорӣ ва дигар расмиёти таҳқими мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори кишоварзӣ ва озуқаворӣ дахл дорад. Дар баробари ин, масъалаҳои ташаккули низоми идоракунии маркетинг дар кишоварзӣ, ки тамоми зинаҳо: таҳқиқи асосҳои назариявию методологии идораи маркетинги соҳаи кишоварзӣ, баҳои ҳолати муосири он бо муайян намудани муаммоҳои идораи он ва пешниҳодҳои мушаххас барои такмили идораи маркетингӣ соҳаи кишоварзӣ шароитҳои мусоид ба вуҷуд меоранд, ба қадри кифоя мавриди таҳқиқот қарор нагирифтаанд, ки диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи онҳо бахшида шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, “Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030”, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2025 ироа шудаанд, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)” робитаи бевосита доранд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Таҳияи муқаррароти илмӣ-методӣ ва тавсияҳои татбиқшаванда оид ба ташаккул ва фаъолияти агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзиро дар бар мегирад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шудаанд:

- таҳқиқи моҳият ва принсипҳои агромармаркетинг ва шаклҳои муосири он;
- масъалаҳои методологии рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои хоси агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;
- таҳлили ҳолати кунунии рушди агромаркетинг ва нақши он дар рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон;
- муайян намудани самтҳои асосии рушди агромаркетинги маҳсулоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, тавассути:
  - ✓ таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, чун механизми такмили идораи он;
  - ✓ **т**акмили бозорҳои наздисарҳадӣ, ҳамчун самти рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;
  - ✓ кластерикунонии истеҳсолот, шароит барои рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ.

Объекти таҳқиқот муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошад, ки дар рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

Мавзуи таҳқиқот рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ ва самтҳои такмили он мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи таҳқиқот аз муайянсозии алоқамандӣ ва вобастагии рушди иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон аз сатҳи агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, зарурати ташкили шуъбаҳои маркетингӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини фурӯши самараноки маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро адабиёти илмии муҳаққиқони классик ва муосири хоричӣ ва ватанӣ, қонунҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда, таҳқиқоти аз тарафи муаллиф гузаронидашуда, ташкил мекунанд.

Сарчашмаи таҳқиқот. Ба сифати иттилооти ибтидоӣ қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ доир ба мавзуи илмӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ гузаронида шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот

- дар асоси таҳқиқи асарҳои илмӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, рисолаҳои дар солҳои охир ҳимояшуда ва адабиёти даврӣ нуқтаи назари муаллифии ибораи маркетинг дар мазмуни “маркетинг яке аз шохаҳои асосии илми иқтисодӣ буда, мол ва хизматрасониро аз тавлиди ғоя, ташкили истеҳсолот, нигаҳдорӣ ва то истеъмолкунанда расонидани маҳсулот ва хизматрасониҳоро меомӯзад” пешниҳод гардидааст;

- усулҳо ва моделҳои идоракунии маркетингро дар соҳаи кишоварзӣ гурӯҳбандӣ намуда, сохтори функсияҳои маркетингро тасниф намуда, вазифаи умумӣ ва вазифаи мушаххаси агромаркетинг ҷудо карда шудааст. Матритсаи функсияҳои фаъолияти агромаркетингиро таҳия намуда, дар он вазифаҳои умумӣ ба таври уфуқӣ ва вазифаҳои мушаххас ба таври амудӣ нишон дода шудаанд;

- хусусиятҳои рушди агромаркетинги истеҳсолоти кишоварзиро аз рӯйи характери мол, вазъи заминҳои кишоварзӣ, тулони будани ҷараёни истеҳсолот, ба як сол рост наомадани хароҷоти истеҳсолӣ ва натиҷаҳои молиявӣ, тезвайроншавии маҳсулот ва дигарон) вобаста буда, бархӯрди манфиатҳо байни истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо ва истеъмолкунандагон руҳ медиҳад ва ҳар кадоме аз он суди бештар бардоштанӣ мешаванд. Исбот карда шудааст, ки дар ҳолати самаранокии истеҳсолотро таъмин накардани нархи маҳсулот хавфи аз ин тиҷорат даст кашидани деҳқонон ба миён меояд, ки ба амнияти озуқаворӣ таҳдид менамояд.

- тибқи таҳқиқи рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои хориҷа пешниҳод гардид, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ИМА - доир ба такмили маркетинг тавассути бунёди корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, Иттиҳоди Аврупо - доир ба истифодаи технологияи муосири истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, Хитой - доир ба ҷустуҷӯйи бозорҳои нав, Россия - хариди давлатии маҳсулоти озуқорӣ, Қазоқистон - коҳиш додани шумораи миёнаравҳо метавонад самаранок бошад;

- ба ҳолати муосири рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ баҳо дода, муайян карда шудааст, ки маҳсулотҳои истеҳсолкардаи хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) натавонистанд дар бозор рақобатпазир бошанд, зеро картошка, сабзавот ва меваи истеҳсолкардаи онҳо аз талаботи дохилӣ зиёд буда, дар бозори хориҷӣ харидори худро наёфта, талаф меёбанд. Муайян карда шудааст, ки дар сохтори каналҳои фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ, ҳиссаи гардиши моли чакана дар сохтори умумии савдо тамоюли бемайлони афзоиш дорад. Шумораи корхонаҳои савдо ва масоҳати дуконҳо тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, вале

шумораи ҷойҳои нишаст тамоюли коҳишёбӣ доранд. Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар сохтори савдои хориҷӣ манфӣ арзёбӣ карда шуда, содирот аз воридоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ 16,4 маротиба камтар аст. Омилҳои боздорандаи рушди кишоварзӣ муайян карда шудаанд, ки ба самаранокии соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд;

- самтҳои асосии рушди агромаркетинги маҳсулоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон тавассути иҷрои амалҳои зерин пешниҳод карда шудааст:

➢ таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ , ки дар он масъалаҳои ҳалталаби ҷамъоварӣ, боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст;

➢ исбот карда шудааст, ки ташкил ва васеъ намудани бозорҳои наздисарҳадӣ метавонад омили асосии рушди маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ гардад, зеро дар кишвар бо мамлакатҳои ҳамсарҳад, Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Хитой гузаргоҳҳои зиёданд, ки дар онҳо чунин бозорҳоро метавон ташкил намуд. Бо ин роҳ ҳам савдои хориҷӣ такмил ёфта ва ҳам ҷойҳои кории нав таъсис дод;

➢ дар партави иҷрои вазифаи стратегии саноатикунонии босуръат исбот карда шудааст, ки кластерикунонии истеҳсолот, шароит барои рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ буда, моделҳои ташкили чунин кластерҳоро дар мисоли кластери коркарди саноатии пахта то маҳсулоти ниҳоӣ, гӯшти гӯсфанд пешниҳод карда шудаанд**.**

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- нуқтаи назари муаллифии ибораи маркетинг ҳамчун яке аз шохаҳои асосии илми иқтисодӣ;
- асосҳои методологии рушди агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ, усулҳо, принсипҳо ва функсияҳои он;
- хусусиятҳои фарқкунандаи агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;
- хусусиятҳои рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ва имконияти истифодаи он дар Тоҷикистон;
- баҳои ҳолати муосири рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон;
- пешниҳоди самтҳои асосии рушди агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ тавассути:

✓ пешниҳоди стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, зарурати таҳия ва самараи иқтисодии он;

✓ ташкил ва такмили бозорҳои наздисарҳадӣ чун омили асосии рушди маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;

✓ кластерикунонии истеҳсолот, шароит барои рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ**.**

Аҳаммияти назариявӣ-методологӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба амиқтар гардидани асосҳои назариявӣ ва методологии маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ имконият медиҳанд ва самтҳои асосии ҳалли мушкилоти соҳаи кишоварзӣ тавассути таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, ташкил ва такмили бозорҳои наздисарҳадӣ ва

кластерикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳал карда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба такмили идораи маркетинги кишоварзӣ дар замони муосир дар шароити рақобати нокомил мебошад. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар ҷараёни таҳияи консепсия, стратегия ва барномаҳои рушди маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ истифода бурд. Инчунин, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои “Асосҳои маркетинг”, “Маркетинги кишоварзӣ”, “Менеҷмент”, “Омори кишоварзӣ” истифода бурд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи адабиёти илмии бахшида ба мавзуи таҳқиқшаванда, таҷрибаи хориҷии маркетинги кишоварзӣ, омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои муҳаққиқ, маводи вазорату муассисаҳои дахлдор, интишороти даврӣ, маводи интернетӣ ва мақолаҳои илмии муаллиф тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро инъикос менамояд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нуқтаҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқ аст: 6.Амал намудан ва тараққӣ ёфтани бозорҳои захиравӣ ва озуқавории кишоварзӣ, усулҳои ҳимояи онҳо ба 14.Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои интегратсионӣ дар КАС ва хоҷагии қишлоқ, 22.Рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои агросаноатӣ, 38.Дурнамои ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии агромаркетинг дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, 42.Ташаккул ва рушди интегратсия (ҳамгирой) дар соҳаи кишоварзӣ, 45.Ташкил ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои нигоҳдорандаи маҳсулоти кишоварзӣ ва 46.Муаммоҳои рақобатпазирии иқтисодиёти кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли он иртибот доранд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми маркетинг вобаста бо назардошти хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди маркетинги кишоварзӣ дар Тоҷикистон, таҳияи матритсаи функсияҳои фаъолияти маркетингӣ, омилҳои боздорандаи рушди маркетинги кишоварзӣ, пешниҳоди самтҳои асосии рушди маркетинги кишоварзӣ тавассути таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ, васеъ намудани бозорҳои наздисарҳадӣ, моделҳои ташкили кластерҳои агросаноатии, чун омили рушди маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисола дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва илмӣ-амалӣ, Шурои илмии институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии

рушди кишоварзӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муқаррароти методӣ ва амалии дар рафти омӯзиш таҳияшуда дар раванди таҳияи “Барномаҳои рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030” ва “Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” истифода шуданд, ки бо маълумотномаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.10.2024№ 5/9-3804 ва маълумотномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2024 № 09/1-370 тасдиқи худро ёфтаанд Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ;
- ташаккули бозорҳои наздисарҳадӣ;
- кластерикунонии истеҳсолот то маҳсулоти ниҳоӣ.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адад дар нашрияҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додаанд, нашр шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Кори диссертатсионӣ дар 179 саҳифа нашри компютерӣ ҷой дода шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар худ 18 расм ва 57 ҷадвалро муттаҳид менамояд.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқот ошкор карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудааст.

Дар боби 1 “ Асосҳои назариявӣ ва методологии агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ”, моҳият ва принсипҳои асосии рушди агромаркетинг ва шаклҳои муосири он, масъалаҳои методологии рушди агромаркетингӣ маҳсулоти кишоварзӣ, хусусиятҳои агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба рушди агромаркетинги кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Дар асоси омӯзиши корҳои 20 олими хориҷӣ ва 24 ватанӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, рисолаҳои дар солҳои охир дифоъшуда ва адабиёти даврӣ шарҳи муаллифии категорияи иқтисодии «маркетинг, ҳамчун илм, асосҳои идоракунии фурӯши мол ва хизматрасонӣ аз тавлиди ғояҳо, ташкили истеҳсолот, нигоҳдории маҳсулот ва хизматрасонӣ ва расонидани он то истеъмолкунандагонро меомӯзад» пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия, методологии маркетинги кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, низоми такмили усулҳои фаъолияти маркетингӣ дар намуди расм чунин тасвир карда шудааст (расми 1).

УСУЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР КАС

Усулҳои иттилоотӣ	Таҳлили бозор; таҳлили эҳтиёҷот; таҳлили низоми маркетинг; таҳлили идоракунии маркетинг; таҳлили муҳити рақобат; баҳодиҳии самтҳои қавӣ ва заиф; баҳодиҳии имконият ва таҳдидҳо; таҳлили давраи ҳаётии молҳо; гурӯҳбандии бозор; омӯзиши усулҳои маркетинг ба кормандон; таблиғ; робита бо ҷомеа; назорат ва аудити фаъолияти маркетингӣ (38).
Усулҳои пешгӯйиву банақшагирӣ ва лоиҳакашӣ	Пешгӯйи талабот ва эҳтиёҷот; пешгӯйи рафтори харидорон; пешгӯйи муҳити рақобат; асосноксозии маркетингии нақшаҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ; нақша ва барномаи маркетинг; буҷети маркетинг; коркарди технологияҳо; тарҳрезии мол ва низомҳои тақсимоти фурӯш. (38).
Усулҳои ташкилӣ: сохтори идоракунии корхона	Низоми идоракунии маркетинг, сохтори ташкилии хадамоти маркетинг; сиёсати молӣ, нарх, фурӯш ва коммуникативӣ (38).
Усулҳои истеҳсоли моддӣ	Истеҳсоли маҳсулот, коркард, бандубаст (38).
Усулҳои хизматрасонии истеҳсолоти моддӣ	Таъминоти моддию техникӣ, гурӯҳбандӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, омодасозии пеш аз фурӯш (38).
Усулҳои тиҷоратӣ	Хулосаи амалиётҳо, фурӯш, пешниҳоди тахфифҳо, купонҳо ва мукофотҳо, тақсимоти маҳсулот (38).
Усулҳои институтсионалӣ	Машварати маркетингӣ, хизматрасониҳои миёнаравӣ, хизматрасониҳо барои ҳамлу нақл, тақсимот, нигоҳдорӣ, инжиниринг, таблиғот ва робита бо ҷомеа (38).
Усулҳои танзими давлатӣ	Танзими давлатии бозори кишоварзӣ; дастгирии рушди хизматрасонии иттилоотию машваратӣ; ҳамоҳангсозӣ ва танзими иттилооти бозорӣ; дастгирии методии рушди фаъолияти маркетингӣ; паҳнсозии таҷрибаи пешқадам дар самти маркетинги аграрӣ; ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии таҳқиқоти илмӣ оид ба маркетинг; омодасозии кадрҳо дар самти маркетинг (38).

Расми 1. - Усулҳои фаъолияти маркетингӣ дар КАС.
Сарчашма: [38]

Усулҳои пешниҳодшуда, роҳҳои рушди маркетингӣ фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзиро нишон медиҳанд.

Усулҳои фаъолияти маркетинги кишоварзӣ дар ҳолати рушд қарор дошта, дар баробари рушди истеҳсолот давра ба давра такмил меёбанд. Масалан, усулҳои иттилоотӣ бо рушди алоқаҳои мобилӣ такмил ёфта, ба истеҳсолкунанда имконият медиҳад, ки дар ҷойи кор доир ба ҳолати бозор, нарх ва рақибон маълумот пайдо намуда, бозори худро тағйир диҳад.

Усулҳои пешгӯйиву банақшагирӣ ва лоиҳакашӣ ба истеҳсолкунанда имконият медиҳад, ки нақшаи истеҳсолотро дуруст таҳия намуда, харидорони эҳтимолӣ ва нархи маҳсулоти худро қабл аз истеҳсол муайян намояд. Истифодаи ин усул, хусусан, барои таъмини талаботи истеҳсолкунанда ба захираҳои истеҳсолӣ, тухмӣ, нуриҳои минералӣ, захираҳои молиявӣ, буҷет ва пешбинии натиҷаҳои молиявӣ мавқеи хоса дорад.

Ҳамин тавр, усулҳо ва моделҳои идоракунии маркетингиро таҳқиқ намуда, чунин хулоса кардан мумкин аст:

- усулҳои идоракунии маркетингро бо истифода аз усулҳои маъмули иқтисодӣ, аз ҷумлаи банақшагирӣ, баҳои назариявӣ, индуксия ва дедуксия, моделсозӣ ва риёзӣ, оморӣ ва дигарон баҳо дода, маҷмуи талабот ва пешниҳодро муайян намуда, ба қобилияти рақобатпазирии маҳсулотҳои хоҷагӣ баҳо дода шавад. Ин усулҳои баҳодиҳӣ имконият медиҳанд, ки низоми чорабиниҳо таҳия карда шуда, фаъолияти самараноки маркетингии хоҷагӣ таъмин гардад.

- дар пояи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф таснифоти муаллифии усулҳои фаъолияти маркетингӣ, ки аз шаш вазифаи умумӣ ва понздаҳ вазифаи мушаххаси маркетинги иборат аст, пешниҳод намудааст;

Муаллиф ба он назар аст, ки функсияҳои идораи маркетинг вобаста ба сиёсати иқтисодии давлат, тавассути таҳияи консепсия, стратегия, барнома ва нақшаҳо амалӣ карда шуда, тавассути танзими сиёсати нарх, савдо, гумрук ва рекламаи маҳсулот амалӣ карда мешавад.

Дар диссертатсия матритсаи функсияҳои фаъолияти маркетингӣ таҳия гардида, дар он вазифаҳои умумӣ ба таври уфуқӣ ва вазифаҳои мушаххас ба таври амудӣ нишон дода шуда, дар бурриши онҳо объектҳои таъсири вазифаҳои умумӣ ва мушаххас ҷойгир шудаанд

Хусусиятҳои хоси маркетинги аграриро қайд намуда, онҳоро ба 9 қисм вобаста ба ташкил, технология, сохтор ва механизмҳои танзими давлатӣ гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст.

Дар диссертатсия, муаллиф усулҳои идоракунии маркетингро бо истифода аз усулҳои маъмули иқтисодӣ, аз ҷумлаи банақшагирӣ, баҳои назариявӣ, индуксия ва дедуксия, моделсозӣ ва риёзӣ, оморӣ ва дигарон баҳо дода, маҷмуи талабот ва пешниҳодро муайян намуда, ба қобилияти рақобатпазирии маҳсулотҳои хоҷагӣ баҳо дода шавад. Ин усулҳои

баҳодиҳӣ имконият медиҳанд, ки низоми чорабиниҳо таҳия карда шуда, фаъолияти самараноки маркетингии хоҷагӣ таъмин гардад.

Дар диссертатсия, муаллиф, барои муқоиса ақидаи ду олими рус Беспалов В.А. ва Гайдаенко А.А.-ро оварда, умумият ва фарқиятҳои назарияи онҳоро баҳо додааст (расми 2).

Ақидаи Беспалов В.А.	Ақидаи Гайдаенко А.А.	
-пешгӯйи талабот ва пешниҳод	Вазифаҳои умумӣ	Вазифаҳои махсус
-банақшагирии фаъолияти маркетингӣ	- таҳлил	-тадқиқоти бозор
-омӯзиши бозор	- пешгӯӣ ва муайян кардани ҳадафҳо	-омӯзиши истеъмолкунандагон ва талабот
-сиёсати нархгузорӣ	-банақшагирӣ	-таҳлили муҳити маркетинг
-сиёсати истеҳсоли маҳсулот	-ташкил	-татбиқи сиёсати истеҳсоли маҳсулот
-фурӯш	-идоракунӣ	-тайёр кардани мол ва таъминоти инфрасохтор
-ҳавасмандсозии фурӯш	-баҳисобгирӣ ва назорат	-нархгузорӣ ва сиёсати нарх
-содироти маҳсулот ва маркетинги байналмилалӣ.	-баҳодиҳӣ	-муомилоти мол ва фурӯш
		-ташаккули талабот ва фаъолгардонии фурӯш
		-фаъолияти тиҷоратӣ
		-фаъолияти баҳисобгирӣ ва молиявӣ
		-фаъолияти маркетинги иқтисодии хориҷӣ
		-дастгирии давраи ҳаёти маҳсулот
		-идоракунии маркетинг.

Расми 2. - Вазифаҳои асосии маркетинги кишоварзӣ тибқи назари Беспалов В.А[22]. ва Гайдаенко А.А. [27].

Таснифи вазифаҳои маркетинг, ки Беспалов В.А. пешниҳод намудааст, дар адабиёти иқтисодӣ маъмул буда, як хусусияти фарққунанда дорад, ки ӯ талабот ва пешниҳодро дар як сатр ҷой дода, вазифаҳои маркетинг содироти маҳсулот ва маркетинги байналмилалиро ҷудо намудааст. Яке аз хусусияти фарққунандаи ақидаи ӯ ҳавасмандсозии фурӯш ба ҳисоб меравад, ки дар шароити муосири рушди маркетинги кишоварзии Тоҷикистон мавқеи асосиро метавонад дошта бошад, зеро таъмини ҳавасмандии харидор ва миёнарав яке аз механизмҳои рушди фурӯши маҳсулот ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар таснифоти вазифаҳои муайяннамудаи муҳаққиқ тартиб ба назар гирифта нашудааст. Ба назари мо, ҳангоми муайян намудани вазифаҳои маркетинг пеш аз ҳама бояд пешгӯйи ва муайян кардани ҳадафҳо истанд на пешгӯйи талабот ва пешниҳод. Вале,

зери мафҳуми омӯзиши бозор, пеш аз ҳама, пешгӯйи талабот ва пешниҳод дар назар дошта мешавад.

Аз ин ҷо метавон ин ду сатрро ба як сатр муттаҳид намуд. Дар таснифоти муаллиф рақобат яке аз унсурҳои асосии бозор ба назар гирифта нашудааст, ки бояд илова намуд.

Гайдаенко А.А. бошад, вазифаҳои маркетинги кишоварзиро ба вазифаҳои умумӣ ва мушахас тақсим намудааст. Агар вазифаҳои умумӣ ба вазифаҳои маъмулии маркетинги кишоварзӣ, ки дар луғатҳо ва адабиёти даврӣ таҷассумёфта ҳаммаъно бошанд ҳам, вале вазифаҳои махсуси маркетинги кишоварзӣ як қатор фарқҳо ва афзалиятҳоро дорост.

Дар таснифи вазифаҳои умумии муайяннамудаи Гайдаенко А.А. низ тартиб ба назар гирифта нашудааст. Дар ин ҷо низ бояд дар мадди аввал таҳияи стратегия, барнома дар назар дошта шуда, сипас, дигар бандҳои вазифа ҷой дода мешуд. Ба ғайр аз ин, ҳадафҳо дар сатри аввал ва пешгӯйиҳо дар сатри алоҳида ҷой дода шаванд, беҳтар мебуд, зеро онҳо рушди маркетингро дар дурнамо муайян менамоянд ва он вазифаи мушаххас шуда наметавонад.

Вазифаҳои махсуси дар таснифоти Гайдаенко А.А. таҷассумгардида, қариб аксари вазифаҳои маркетинги кишоварзӣ ҷой дода шудаанд.

Дар таснифоти овардашуда як нуқтаи асосӣ бо ибораҳои гуногун омада бошанд ҳам, вале мазмунан ибораҳои банақшагирӣ, ташкили истеҳсолот ва назоратро ба ҳам муттаҳид менамоянд.

Ин муҳаққиқ низ таҳияи нақшаро дар ҷои дуюм гузошта тадқиқоти маретингро дар ҷойи аввал гузоштааст, ки ба назари мо ислоҳталаб аст. Таснифоти ӯ на ҳамаи вазифаҳои маркетингро дар худ таҷассум менамояд.

Дар пояи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф, таснифоти муаллифии усулҳои фаъолияти маркетингӣ, ки аз шаш вазифаи умумӣ ва понздаҳ вазифаи мушаххаси маркетинги иборат аст, пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки хусусиятҳои маркетинги идораи истеҳсолоти кишоварзӣ аз хусусиятҳои хоси соҳа бар меояд, ки муҳимтарини онҳо вобастагии бевосита аз боду ҳаво, вазъи заминҳои кишоварзӣ, тулони будани ҷараёни истеҳсолот, ба як сол рост наомадани хароҷоти истеҳсолӣ ва натиҷаҳои молиявӣ, тезвайроншавии маҳсулот ва дигарон мебошад, ки хароҷоти иловагиро тақозо менамоянд.

Ба назари муаллиф, ҳангоми таҳқиқи маркетинги кишоварзӣ бояд се ҷабҳаи маркетинг молҳои озуқаворӣ, захираҳо ва хизматрасониро бояд дар назар дошт, ки барои онҳо бархӯрди манфиатҳо рух медиҳад ва ҳар кадоме аз он суди бештар бардоштанӣ мешаванд.

Муаллиф, омилҳои ба маркетинги кишоварзӣ таъсиррасонро ба омилҳои ташкилӣ, таъмини техникию технологӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва нақлиётӣ тақсим намудааст. Бе ташкили дурусти истеҳсолот, такмили

шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки ҳавасмандии истеҳсолкунандаро таъмин менамояд, ба натиҷаи дилхоҳ умед бастан нашояд. Новобаста аз он ки шабакаҳои гуногуни иттилоот нисбат ба ҳолати бозор, нарх ва рақобат барои деҳқонон дастрасанд, вале онҳо наметавонад ҷои деҳқонро дар бозор муайян намоянд, зеро монополияти гурӯҳи миёнаравҳои бозор бо ҳар роҳ ба воридшавии деҳқонон ба бозор монеъа эҷо менамоянд. Аз ин ҷо фарқияти нархи маҳсулот аз дасти деҳқон то бозор бамаротиб зиёд мегардад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи маркетинги кишоварзӣ дар он зоҳир мегардад, ки бинобар паст шудани қобилияти харидории деҳқонон талабот ва таъминот бо техникаи кишоварзӣ қоҳиш ёфта истодааст. Мутаассифона, дар корҳои саҳроӣ бештар меҳнати дастӣ ба назар мерасад, ки хароҷоти истеҳсолиро афзун намуда, сарфи меҳнатро зиёд гардонида, ба пастшавии ҳосилнокии меҳнат сабаб мегардад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бозори захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ ноустувор буда, самаранокии фаъолиятро таъмин карда наметавонад. Аз ин ҷо, қисми муайяни хоҷагиҳои кишоварзӣ аз фаъолияти худ зарари иқтисодӣ мебинанд.

Рушди ноустуворӣ маркетинги кишоварзӣ дар ҳамаи сатҳои истеҳсолот эҳсос карда мешаванд ва онҳо хусусияти умумисоҳавӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодӣ бештар мафҳуми вазифаҳои маркетинг ва функсияҳои маркетинг омехта карда мешаванд. Дар як ҷо ибораи вазифа ва дар ҷойи дигар ибораи функсия истифода мешаванд.

Бо истифода аз ин, муаллиф матритсаи таснифоти вазифаҳои маркетингро бо назардошти тартиби ҷойгиршавии онро аз рӯйи нуқтаи назари худ дар намуди расм пешниҳод намудааст(расми 3).

Дар диссертатсия, **хусусиятҳои агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, қайд шудааст, ки** дар адабиёти илмӣ асосан се омили калидиро фарқ менамоянд:

1.Фосилаи зиёди вақт байни истеҳсол ва фурӯш, ки хароҷоти иловагии барои нигоҳдориро талаб менамояд, ки дар ин ҳангом фоизи муайяни маҳсулот талаф меёбад;

2.Сарфи иловагии меҳнат ҳангоми нигоҳ доштан, борбарорӣ ва борфарорӣ ҳангоми ба фурӯш баровардан, хароҷоти иловагии боркашонӣ то истеъмолкунанда;

3.Ҷустуҷӯйи бозор, зеро рақобат байни молистеҳсолкунандагони зиёд ва талаботи маҳдуди бозор ва дигарон.

Дар диссерттсия хусусияти зерини маркетинги аграрӣ қайд карда шудааст:

- ✓ муҳим будани маҳсулоти соҳа барои саломатии инсон ва зарурияти истеъмоли доимии он;
- ✓ вобастагии рушди саноати коркард аз рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, зеро соҳа манбаи таъминкунандаи ашёи хом мебошад;

✓ вобастагии рушди соҳаи кишоварзӣ аз шароити табиӣ ва ҷуғрофӣ;

✓ мавсими будани ҷараёни истеҳсолот ва номувофиқ будани тулони будани давраи истеҳсолот ва натиҷаҳои истеҳсолӣ;

Функсияҳои маркетинг	Мазмун
Тадқиқоти маркетингӣ	Пешбинии вазъи бозорҳои дохилӣ ва берунӣ; ҳолати маҳсулоти рақибон; баҳои таъмини талабот ва пешниҳод; муайян намудани талабот барои ворид намудан аз хориҷи кишвар; ҷустуҷӯйи маҳсулоти нав ва бозорҳои нави фурӯш; мол ва бастабандӣ; ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот; пешгӯйи талабот ва фурӯш
Таҳияи сиёсат дар самти истеҳсолот ва номгӯйи маҳсулот	таҳияи сиёсати маҳсулот, сохтори номгӯйи маҳсулот; баланд бардоштани хусусиятҳои сифат ва рақобатпазирии маҳсулот; азхуд намудани маҳсулоти нав
Нархгузорӣ	таҳияи стратегия ва тактикаи нархгузорӣ; таҳияи механизми тағйир додани нархҳои ҷорӣ; таҳлили нархҳои рақибон; пешгӯйи нархҳои маҳсулоти нав
Тақсимот ва фурӯш	таҳияи сиёсати фурӯш ва тақсими мол; ташкили фурӯш ба воситаи шабакаи савдо ва тақсимкунӣ; интихоби каналҳои (шоҳроҳҳои) тақсимот; ташкили анбор ва кашондани мол; муайян кардани буҷетҳои муомилот ва савдо; таҳлили фурӯш ва назорати ҷараёнҳои физикӣ дар низоми тақсимот
Пешбурди (таблиғ ва фурӯши) мол	таҳияи сиёсати таблиғ ва пешбурди фурӯш; истифодаи технологияи нави фурӯши маҳсулот; ҷустуҷӯйи роҳҳои нави ҳавасмандгардонии харидорон ва фурӯшандагон; фурӯши маҳсулот ба ивази маоши коргарони хоҷагӣ; истифодаи бартер бо таъминкунандагони захираҳо
Идоракунии маркетинг	ташкили идоракунии маркетинг; назорат кардан; рушди сохторҳои ташкилии хадамоти маркетинг; оптимизатсияи (зиёдкунии) қарорҳои идоракунӣ дар системаи фаъолияти маркетингии хадамоти маркетинг

Расми 3. - Сохтори функсияҳои маркетинг.

Сарчашма: [21].

✓ номувофиқ омадани давраи талабот ба давраи пешниҳод; [50].

✓ талафоти зиёди мол ҳангоми ҷамъоварӣ, боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯш;

✓ сатҳи пасти рушди маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ, бинобар хурд будани хоҷагиҳои кишоварзӣ;

✓ аз байн рафтани сохторҳои амалкунандаи хариди маҳсулоти

кишоварзӣ - “Тоҷикматлубот” ;

- ✓ барҳамхурии сохторҳои хариду-фурӯши “Нури Нав”.

Муаллиф қайд намудааст, ки ҳангоми таҳқиқи маркетинги кишоварзӣ бояд се ҷабҳаи он:

-маркетинги молҳои озуқаворӣ;

- маркетинги захираҳо (замин, техника, меҳнат, молия);

-маркетинги хизматрасониро бояд дар назар дошт.

Дар кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои молиявии ҳам истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам коркарди саноатии он маҳдуд аст. Аз сабаби набудани маблағҳои кофӣ саноати коркард наметавонад саривақт маҳсулотро аз деҳқон харидорӣ кунад ва коркарди саноатии онро таъмин намояд. Истеҳсолкунандаи кишоварзӣ низ бо сабаби сари вақт тахмин карда натавонистани захираҳо наметавонад ба натиҷаҳои назаррасӣ истеҳсолӣ ноил гардад.

Дар рушди маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ муборизаи байни манфиатҳо низ таъсир мерасонанд, зеро ҳар як соҳаи хизматрасон мехоҳад аз фаъолияти худ фоидаи зиёдтар бардорад. Хусусан, дар маркетинги кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон миёнаравҳои бозор аз набудани иттилооти хуб барои истеҳсолкунанда манфиати бештар мебардоранд.

Дигар омилҳои ба маркетинги кишоварзӣ таъсиррасонро метавон ба омилҳои ташкилӣ, таъмини техникию технологӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва нақлиётӣ тақсим намуд. Бе ташкили дурусти истеҳсолот, такмили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки ҳавасмандии истеҳсолкунандаро таъмин менамояд, ба натиҷаи дилхоҳ умед бастан нашояд. Новобаста аз он ки шабакаҳои гуногуни иттилоот нисбат ба ҳолати бозор, нарх ва рақобат барои деҳқонон дастрасанд, вале онҳо наметавонад ҷои деҳқонро дар бозор муайян намоянд, зеро монополияти гурӯҳи миёнаравҳои бозор бо ҳар роҳ воридшавии деҳқонро ба бозор пешгирӣ менамоянд. Аз ин ҷо фарқияти нархи маҳсулот аз дасти деҳқон то бозор бамаротиб зиёд мегардад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи маркетинги кишоварзӣ дар он зоҳир мегардад, ки бинобар паст шудани қобилияти харидории деҳқонон талабот ва таъминот бо техникаи кишоварзӣ қоҳиш ёфта истодааст. Мутаассифона, дар корҳои саҳроӣ бештар меҳнати дастӣ ба назар мерасад, ки хароҷоти истеҳсолиро афзун намуда, сарфи меҳнатро зиёд гардонида, ба пастшавии ҳосилнокии меҳнат сабаб мегардад.

Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бозори захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ ноустувор буда, самаранокии фаъолиятро таъмин карда наметавонад. Аз ин ҷо, қисми муайяни хоҷагиҳои кишоварзӣ аз фаъолияти худ зарари иқтисодӣ мебинанд.

Рушди ноустуворӣ маркетинги кишоварзӣ дар ҳамаи сатҳои истеҳсолот эҳсос карда мешаванд ва онҳо хусусияти умумисоҳавӣ доранд.

Аз ин ҷо муаллиф қайд намудааст, ки дар адабиёти илмӣ хусусияти

идораи фаъолияти маркетингиро аз рӯйи характери мол, технологияи истеҳсолот, хусусиятҳои методӣ, ташкилӣ, сохторӣ, иқтисодӣ ва тазими давлатӣ чунин тасниф намудан мумкин аст (расми 4).

Хусусиятҳои мавриди таҳлил қарордошта ба маркетинги кишоварзӣ мутааллиқ буда, ба назар гирифтани онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди маркетинги кишоварзӣ аз фоида холӣ нест.

Хусусиятҳо	Моҳият
Аз рӯйи характери мол	Нақши маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ; гирифтани микдори ғизоӣ таъминкунандаи зиндагии осоишта; таъмини сифати баланди ғизо тибқи меъёрҳои физиологӣ
Аз рӯйи технология и истеҳсолот	Мавсимии истеҳсолот; номутобиқатии давраи кор ва давраи истеҳсолот; вобастагии натиҷаҳои иқтисодӣ аз шароити обу ҳаво; фосилаи дароз байни истеҳсол ва истеъмол; ҳиссаи калони коркарди аввалия; самти коркарди аввалия ба нигоҳ доштани маҳсулот ва сифати он; эҳтиёҷ ба микдори зиёди анборҳо ва яхдонҳо; мураккабии коркарди бисёр навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (53)
Методӣ	Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар тибқи меъёрҳои муайянкардашуда, сатҳи пасти қобилияти хридории аҳолӣ; фарқи баланди истеъмоли навъҳои озуқа ва меъёри талабот(53)
Ташкилӣ	Ташкили истеҳсолот, ҷамъоварӣ, боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот; истеҳсоли маҳсулот бо сарфи ками меҳнат ва захираҳои иқтисодӣ; зарурати ба вуҷуд овардани шабакаи васеи тақсимот, бисёр будани миёнаравҳо дар роҳи ҳаракати маҳсулот (53)
Сохторӣ	Характери бисёрсоҳаи коркарди бисёр навъҳои маҳсулот; зиддиятҳои иқтисодии байни соҳаи истеҳсолот ва соҳаи маркетинг; тафовут дар фурӯши воситаҳои асосӣ (53)
Иқтисодӣ	Сатҳи пасти дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ; сатҳи баландӣ фоизи қарзҳои бонкӣ ва капитализатсияи иқтисодиёт; сатҳи пасти сармоягузорӣ дар рушди кишоварзӣ
Танзими давлатӣ	Нокифоя будани дастгирии давлатии иқтисодиёти кишоварзӣ; набудани хариди давлатии маҳсулоти кишоварзӣ; камсамар будани сиёсати хориҷии маҳсулоти кишоварзӣ; сатҳи пасти ҳимояи истеҳсолкунандагони дохилӣ аз таъсири воридоти маҳсулоти хориҷӣ

Расми 4. - Таснифоти хусусиятхои идораи фаъолияти маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ

Сарчашма: Таҳия ва пешниҳоди муаллиф дар асоси [53]

Дар кор хусусиятҳои хоси фаъолияти маркетингии хоҷагиҳои кишоварзиро дар намуди расм чунин тасвир намудааст (расми 5).

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГИИ ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗӢ

- мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ;
- вобастагии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз иқлим ва маҳалли ҷойгиршавии хоҷагӣ;
- аҳаммияти маҳсулот дар таъмини амнияти озуқаворӣ;
- шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ;
- сатҳи нобаробари фаъолияти маркетингӣ вобаста ба имкониятҳои хоҷагӣ;
- сатҳи пасти санадҳои меъёрию ҳуқуқии батанзимдарории фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Расми 5. - Хусусиятҳои хоси фаъолияти маркетингии хоҷагиҳои кишоварзӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз руйи [8].

Бо дарназардошти хусусиятҳои дар боло баррасишуда муаллиф амсилаи механизми фаъолияти маркетинги кишоварзиро таҳия кардааст (расми 6).



Расми 6. - Амсилаи механизми фаъолияти маркетинги кишоварзӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф ар рӯи [14]

Амсилаи пешниҳодшуда таснифоти мушкилоти маркетинги кишоварзиро тавсиф намуда, на танҳо истеҳсолоти кишоварзӣ балки таъмини амнияти озуқавориро дар бар мегирад, ки соҳаи кишоварзӣ ба он равона шудааст.

Маркетинги кишоварзӣ манфиати ҳамаи ҷонибҳо, аз истеҳсолкунанда то истеъмолгари ниҳоӣ ба назар гирифта мешавад, зеро қонуни бозор имкон намедиҳад, ки манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида ба

назар гирифта шавад. Дар натиҷа бархӯрди манфиатҳо ба амал омада, боиси аз тиҷорат берун гаштани истеҳсолкунандагон гардад.

Муаллиф вазъи рушди маркетинги соҳаи кишоварзии як қатор мамлакатҳои хориҷиро мавриди таҳкиқот қарор дода, қайд намудааст, ки дар мамлакатҳои рушдкарда, аз ҷумла ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Чин маркетинг ҳам дар сатҳи ширкатҳои истеҳсолӣ ва ҳам дар сиёсати макроиқтисодӣ мавқеи хоса дорад. Дар ИМА, қабл аз ҳама, талаботи корхонаҳои саноатиро бо ашёи хоми кишоварзӣ ба назар гирифта мешавад. Самти асосии афзоиши фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи ташкили корхонаҳои нави коркард ва такмили корхонаҳои амалкунанда дониста мешавад. Дигар хусусияти идораи маркетинги маҳсулоти аграрӣ дар он зоҳир мегардад, ки ИМА дар ҷустуҷӯйи бозорҳои нав мебошад. Дар сатҳи микроиқтисодӣ бошад, сохторҳои махсуси идораи маркетингӣ амал менамоянд, ки ба ҳисоби миёна ба ширкат 6 нафар мутахассис ба ҳалли масъалаҳои маркетингӣ сафарбар карда мешавад. Модели америкоии идораи маркетинги маҳсулоти аграрӣ дар доираи консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд, ки ба таъмин намудани талаботи истеъмолкунанда равона карда шудааст.

Бинобар иқтисоди кушодаи мамлакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ низ хусусияти хосро доро мебошад. Дар шароити муосир вазъи маркетинги кишоварзии мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо бинобар таҳримҳои иқтисодӣ нисбати Россия дар ҳолати бад қарор дорад, зеро маҳсулоти кишоварзии Иттиҳоди Аврупо бештар ба бозорҳои Россия ва Беларус интиқол дода мешуд. Кор ба ҷое расид, ки молистеҳсолкунандагони Полша ба корпартоӣ шуруъ карда, аз маҳсулоти Украина даст кашида, давлатро маҷбур сохтанд, ки бозори дохилиро аз маҳсулоти Украина ҳимоя намояд. Дар ояндаи наздик имконияти муноқишаи байни Иттиҳоди Аврупо ва ИМА доир ба истифодаи технология ба миён омаданаш мумкин аст, зеро ИМА мехоҳад технологияи америкоӣ дар истеҳсолоти Иттиҳоди Аврупо ҷорӣ карда шавад. Сиёсати маркетингии савдои хориҷии Иттиҳоди Аврупо ба он нигаронида шудааст, ки бозори худро аз молҳои Хитой ва Россия ҳимоя намояд.

Маркетинги маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Хитой як низоми муайян дошта, ба забт намудани бозорҳои озуқаворию дигар кишварҳо нигаронида шудааст. Ин сиёсат ба ҳалли ду масъала, яке таъмини рушди соҳаҳои фоидаовар, дигаре таъмини стандартҳои дохилӣ равона шудааст.

Ташкили минтақаҳои озоди савдо ба Хитой имконият дод, ки ҷалби сармояи хориҷиро таъмин намуда, истеҳсоли маҳсулоти талаботдоштаи худро зиёд намояд. Хитой талаботи худро бо маҳсулоти озуқаворӣ пурра таъмин карда наметавонад.

Вазъи маркетинги кишоварзӣ дар Россия беҳбудиро мехоҳад, зеро хоҷагиҳо зери ислоҳот қарор гирифта, фаъолияти маркетингии худро ба

низом надаровардааанд. Дар шароити ҷорӣ намудани таҳримҳо ҳаҷми савдои хориҷӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022-юм 16,3 фоиз коҳиш ёфтааст. Новобаста аз ин, дар сохтори маҳсулотҳо содироти молҳои озуқаворӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022-юм 4,3% афзудааст.

Маркетинги маҳсулоти кишоварзии Озорбойҷон тавассути таҳия ва қабули консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ амалӣ мегарданд.

Сиёсати маркетинги бозорҳои озуқаворӣ тавассути дастгирии молиявии соҳибкорон амалӣ шуда, сиёсати антидемпингиро истифода мебарад. Давлат бо мақсади баланд бардоштани ҳавасмандии бонкҳо, ширкатҳо суғуртавӣ барои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ тахфифҳои андозӣ пешбинӣ менамояд.

Хусусиятҳои фарқкунандаи маркетинги маҳсулоти кишоварзии Қазоқистон дар он зоҳир мегардад, ки он тавассути таҳияи Консепсияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ амалӣ мегардад, ки сиёсати нархгузории маҳсулоти кишоварзӣ, хариди давлатӣ, коркарди саноатӣ, бозори яклухт, чакана; коҳиш додани шумораи миёнаравҳо, истифодаи таблиғи молу маҳсулот бо истифода аз технологияҳои муосир ва ғайра амалӣ мегардад.

Таҳқиқот собит намуд, ки барои Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзии ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин, Россия, Қазоқистон мавриди таҳқиқот қарор гирифта, истифодаи таҷрибаи ИМА доир ба такмили маркетинг, тавассути бунёди корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, Иттиҳоди Аврупо - доир ба истифодаи технологияи муосири истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, Чин - доир ба ҷустуҷӯйи бозорҳои нав, Россия - хариди давлатии маҳсулоти озуқорӣ, Казоқистон - коҳиш додани шумораи миёнаравҳо метавонад мавриди истифода дар Тоҷикистон қарор гирад.

Дар боби 2 ”Баҳои ҳолати муосири рушди агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзии Тоҷикистон” таҳлили ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон гузаронида, баҳои рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дода шуда ва муаммоҳои рушди агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳолати муосири рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ баҳо дода, муайян карда шудааст, ки маҳсулотҳои истеҳсолкардаи хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) натавонистанд дар бозор рақобатпазир бошанд, зеро картошка, сабзавот ва меваи истеҳсолкардаи онҳо аз талаботи дохилӣ зиёд буда, дар бозори хориҷӣ харидори худро наёфта, талаф меёбанд. Муайян карда шудааст, ки дар сохтори каналҳои фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ, ҳиссаи гардиши моли чакана дар сохтори умумии савдо тамоюли бемайлони афзоиш дорад. Шумораи корхонаҳои савдо ва масоҳати дуконҳо тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, вале шумораи ҷойҳои нишаст тамоюли коҳишёбӣ доранд. Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар сохтори савдои хориҷӣ манфӣ арзёбӣ карда шуда, содирот аз воридоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ 16,4 маротиба камтар аст. Омилҳои боздоранда, аз ҷумла коҳиш ёфтани миқдори заминҳои

таъйиноти кишоварзӣ, ҳолати меллиоративии заминҳо, тухмии бесифат, технологияи коркарди хок, зоти каммаҳсули чорво, нарасидани техника, нуриҳо, захираҳои молиявӣ ва дигарҳо.

Новобаста аз ин нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулотҳо ба ҷуз пахта ва ангур дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 тамоюли афзоиш дорад. Ҳамин тавр, дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 истеҳсоли ғалла 13,2 фоиз, картошка 4,2 фоиз, сабзавот 25,6 фоиз, полизӣ 30,4 фоиз, мева ва буттамева 26,8 фоиз, гӯшт 32,4 фоиз ва тухм 53,3 фоиз афзуда , танҳо истеҳсоли ангур 30,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии коҳишёбии истеҳсоли ангур сарди ҳавои зимистони соли 2022-2023 маънидод карда мешавад, зеро зери таъсири он аксари боғҳои ангурро сармо зад.

Бояд дар назар дошт, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳаи кишоварзӣ асосан барои таъмини талаботи аҳолӣ сарф карда мешавад ва як қисми начандон калон ба хориҷи кишвар интиқол карда мешавад. Таҳлилҳо собит намуданд, ки талаботи аҳолӣ танҳо бо сабзавот ва картошка таъмин карда мешаваду халос. Маҳсулоти асосии истеъмолӣ, аз ҷумла гандум, орд, қанд, равған, моҳӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Новобаста аз он ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ дар солҳои охир тамоюли афзоиш дорад, вале истеъмоли он ба меъёрҳои физиологӣ рост намеояд. Таҳлили панҷ соли охир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки истеъмоли танҳо нон ва маҳсулоти нонӣ ва равған ба талаботи меъёрҳо мувофиқ буда, дигар нишондиҳандаҳо ниҳоят паст мебошанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Истеъмоли маҳсулоти асосии ғизоӣ ба як нафар аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол (кг) дар давраи солҳои 2019-2023

Солҳо ва Меъёрҳо / Маҳсулоти ғизоӣ	Меъёри физиологии тавсиядодашудаи Институти ғизои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кг	Истеъмоли ҳақиқӣ					Истеъмол нисбат ба меъёр дар соли 2023, бо %
		Солҳо					
		2019	2020	2021	2022	2023	
Нон ва маҳсулоти нонӣ	147,7	158,7	165,4	162,4	157,8	155,8	105,5
Картошка	92,0	42,4	41,0	41,16	40,5	41,1	44,7
Сабзавот, полизиҳо	166,1	86,4	137,2	126,1	113,4	128,7	77,4
Мева, буттамева ва ангур	124,0	33,2	30,6	38,4	39,1	35,6	28,7
Гӯшт	40,8	13,1	28,1	26,4	21,8	24,2	59,3
Шир	115,3	63,9	63,3	54,8	41,4	42,3	36,7
Тухм	180,0	92	158	168	158,0	156,0	86,7
Қанд	20,3	15,4	19,5	17,52	15,9	16,4	80,8
Равған	16,6	17,5	18,4	17,2	17,3	19,2	115,7

Сарчашма: [13]

Дигар масъалаи ҳалталаби идораи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ

таҳлили қобилияти харидории аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки аз он фурӯши маҳсулот вобастагӣ дорад. Бояд дар назар дошт, ки новобаста аз он ки, истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ торафт афзуда истодаанд, вале истеъмоли онҳо ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба меъёри физиологии тавсиядодашудаи Институти ғизои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз нон ва маҳсулоти нонӣ ва равған ниҳоят кам аст.

Аз ин ҷо, истеъмоли картошка ба 44,7 фоиз, сабзавот ва полизиҳо -77,4 фоиз, мева, буттамева ва ангур -28,7 фоиз, гӯшт- 59,3, шир -36,7, тухм -86,7, қанд -80,8 фоиз баробар аст. Сабаби асосӣ дар он аст, ки қобилияти харидории аҳолӣ паст буда, наметавонанд талаботи худро тибқи сабади истеъмолӣ қонеъ гардонанд.

Мо инро метавонем дар мисоли истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2023 бубинем (ҷадвали 2).

Дар ин давра, истеъмоли ғалла нисбат ба истеҳсоли он 15,9 фоиз зиёд аст. Бояд дар назар дошт, ки истеҳсоли ғалла ба як нафар тибқи малумоти оморӣ ба 172 кг баробар аст, вале бо сабаби он ки истеъмол аз рӯйи нишондиҳандаи нон ва маҳсулоти нонӣ ҳисоб карда мешавад муаллиф онро бо истифода аз зариби 0,78 ба орд гардонидааст.

Ҷадвали 2.- Фарқи байни истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ ба тамоми аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023).

Нишондиҳандаҳо	Истеҳсол		Истеъмол		Фарқи байни истеъмол ва истеҳсол, +,-,%			
	Ҳамагӣ, ҳаз. т	ба як нафар,кг	Ҳамагӣ, ҳаз. т	ба як нафар, кг	Ҳамагӣ, ҳаз. т	ба як нафар, кг	Ҳамагӣ, %	ба як нафар,%
Ғалладона	1754,9 (1368,8)	134,4	1602,9	155,8	234,1	16,5	117,1	115,9
Картошка	1144,9	112,4	422,8	41,1	-722,1	-71,3	36,9	36,6
Сабзавот ва полизӣ	4036,1	396,6	1324,1	128,7	-2712,0	-267,9	32,8	32,5
Меваҳо ва буттамеваҳо, ангур	854,7	83,9	295,3	28,7	-559,4	-55,2	34,6	34,2
Гӯшт (дар вазни кушташуда)	199,0	19,6	249,0	24,2	+50,0	+4,6	125,1	123,5
Шир	1118,5	109,8	435,2	42,3	-683,3	-67,5	38,9	38,5
Тухм, млрд. дона	1223,7	120,2	1605,0	156,0	+381,3	+35,8	131,2	129,8

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф. [3; 13]

Ҳамин тавр, истеъмол нисбати истеҳсоли гӯшт ва тухм зиёд буда, истеъмоли картошка ба миқдори 71,3 кг, сабзавот ва полизӣ 267,9 кг, мева, бутамева ва ангур 55,2 кг, шир 67,5 кг кам аст.

Аз рақамҳои ҷадвали оварда чунин бармеояд, ки ғалла, гӯшт ва тухм истеъмоли аҳолиро пурра таъмин накарда, истеҳсоли картошка нисбати истеъмол -722,1 ҳаз. тонна, сабзавот ва полизӣ -2712,0 ҳаз. тонна, мева, буттамева ва ангур -559,4 ҳаз тонна, шир -683,3 ҳаз.тонна бақия мондааст. Ин бе назардошти бақияи солҳои гузашта. Аз рӯйи ин таҳлилҳо, мебоист маҳсулотҳои боқимонда ба хориҷи кишвар интиқол дода мешуд, вале дар солҳои зери таҳқиқот қароргирифта содироти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ назаррас нест (ҷадвали3).

Ҷадвали 3. - Содирот ва воридоти хӯрока ва чорвои зинда дар солҳои 2019-2023, млн долл.ИМА.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2023/ 2019,%
	2019	2020	2021	2022	2023	
Содирот	17,4	20,3	20,7	39,9	58,6	336,8
Ҳисса дар ҷамъи содирот, %	1,6	1,7	1,5	1,9	2,7	+1,1
Воридот	505,2	619,7	666,0	801,8	963,7	190,8
Ҳисса дар ҷамъи воридот, %	16,0	18,5	21,1	19,0	18,6	+2,6
Фарқ байни содирот ва воридот	-487,8	-599,4	-645,3	-761,9	905,1	-146,0

Сарчашма: [1]

Аз таҳлил бармеояд, ки нақши маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ дар назаррас нест, зеро 63,1%-картошка, 67,2%-и сабзавоти полизӣ, 65,4%-и меваю буттамева ва ангур, 61,1%-и шир на истеъмол шудааст ва на фурӯхта шудааст.

Маҳз фурӯши онҳо масъалаи ҳалталаби маркетологҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир содироти маҳсулоти хӯрокворӣ ва чорвои зинда тамоюли афзоиш дорад. Агар соли 2019 ҳаҷми содирот ба андоза 17,4 млн долл.ИМА баробар бошад, пас дар соли 2023 он ба 58,6 млн долл. ИМА баробар шудааст, ки нисбатан 3,4 баробар зиёд аст. Воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ва чорвои зинда дар соли 2023 ба 963,7 млн долл. баробар буд, ки нисбат ба соли 2019-ум 90,8 фоиз зиёд аст

Дар ин давра ҳиссаи содирот 1,1 банди фоизӣ ва ҳиссаи воридот 2,6 банди фоизӣ афзудааст. Бояд тазаккур дод, хушбахтона суръати афзоиши содироти молҳо ва хизматрасониҳо нисбат ба воридоти он тамоюли бештар дорад. Агар дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 содирот қариб 3,4 баробар афзоиш ёфта бошад, пас воридот 90,8 фоиз афзудааст.

Лекин воридоти бештари маводи озуқаворӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бозори истеъмолии мо аз воридоти маҳсулоти ғизоӣ вобастагии зиёд дорад, метавонад ба амнияти озуқавории мо таъсири манфӣ расонад (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4.-Воридоти маҳсулоти асосии ғизоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2019-2023, ҳаз. тонна.

Солҳо / Маҳсулотҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2019, %
Гандум	1019,0	1090,0	999,0	1028,1	1221,0	119,8
Орд	55,8		89,9	56,7	65,9	118,1
Картошка	32,2	4	18	18	47,4	147,2
Равғани растанӣ	81,3	101	102,0	92,6	139,0	171,0
Сабзавот	1.2	11,0	29,0	30,0	25,6	21,3 мар.
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	27,3	24,0	15,0	4,0	13,2	48,4
Шир ва маҳсулоти ширӣ	8,2	8	8	9	9,5	115,9
Қанд	129,7	163	144,2	162,1	139,0	107,2
Мева	27.8	27	30,6	43,7	49,7	178,8
Тухм (млн. дона)	34,4	17,3	16,1	17,5	15,2	44,2

Сарчашма: ҳисоби муаллиф аз рӯйи: [1].

Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз афзун шудани ҳаҷми истеҳсолот, мутаассифона, воридот аз хориҷи кишвар кам нашудааст. Дар ин давра воридоти гандум 19,8%, орд 18,1%, сабзавот 21,3 мар, мева 78,8%, равғани растанӣ 71,0%, қанд 7,2% фоиз афзудааст. Ҳол он ки тибқи маълумоти оморӣ истеҳсоли ин маҳсулот ба як нафар аҳолӣ тамоюли бемайлони афзоиш доранд.

Ба назари муаллиф, дигар нишондиҳандаи муҳимми баҳои сатҳи рушди маркетинги соҳаи кишоварзӣ ба назари мо раванди содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад (ҷадвали 5).

Чуноне ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 5 шаҳодат медиҳанд, ба хориҷи кишвар дар соли 2023 аз ҳисоби маҳсулотҳои истеъмолӣ асосан 7,1 ҳаз тонна орд, 0,4 ҳаз. т гандум, 0,06 ҳаз. т картошка, 76,4 ҳаз. тонна сабзавот, 112,1 ҳаз. тонна мева, 2,6 ҳаз. т. гӯшт, 0,3 ҳаз.т қанд баровада шудаанд.

Ҷадвали 5.-Содироти маҳсулоти асосии ғизоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2019-2023, ҳаз. тонна.

Солҳо / Намудҳои озуқаворӣ	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2019, %
Гандум	-	-	-	-	0,4	Х
Орд	3,1	0,5		6,2	7,1	229,0
Картошка	0,03	-	-	-	0,06	200,0
Равғани растанӣ	-	-		0,02	-	-
Сабзавот	86,9	181,	106,6	66,8	76,4	87,9
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	0,4	-		0,1	2,6	185,7
Шир ва маҳсулоти ширӣ	0,1	-		-	-	Х
Қанд	0,52	0,34	-	0,28	0,3	57,7
Мева	42,1	46,3	103,7	107,0	112,1	266,3

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: [1]

Яке аз маҳсулоте, ки истеҳсоли дохилӣ талаботи моро қонеъ карда наметавонанд, орд ба ҳисоб меравад ва мо онро хориҷи кишвар мехарем, вале ба ин нигоҳ накарда, соли 2023 –ум 7,1 ҳаз. тонна орд ба хориҷи кишвар фурӯхта шудааст, ки 5,4 ҳаз. тоннаш, ё 87,1 фоизаш ба Афғонистон рост меояд. Дар соли 2023 ба хориҷа бештар сабзавот ва мева фурӯхта шудааст.

Сабзавот ва полизиҳои фурӯхташуда танҳо 1,9 фоизи истеҳсолро ташкил намудааст. Агар дар соли 2023 ба хориҷа 112,1 ҳаз.тонна мева ё нисбат ба соли 2019-ум 2,7 маротиба афзуда бошад ҳам, вале он ҳамагӣ 8,2 фоизи истеҳсоли онро ташкил медиҳад.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, имкониятҳои содиротии маҳсулотҳои кишоварзӣ ҳанӯз ниҳоят кам истифода бурда мешаванд.

Ба назари муаллиф, ба ҳолати маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ метавон тавассути каналҳои фурӯши маҳсулот баҳо дод, зеро чи қадаре,

ки каналҳо зиёд бошанд, ҳамон қадар имкониятҳои фурӯши маҳсулот зиёд мегардад (ҷадвали 6).

Тавре, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 6, сохтори каналҳои фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои 2019-2023 дида мешавад, ҳиссаи гардиши моли чакана дар сохтори умумии савдо аз 98,0% дар соли 2019 то 98,8% дар соли 2023 расидааст, ки тамоюли бемайлони афзоиш дорад.

Аз ҷумла савдои чакана, тавассути мағозаҳои молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ дар соли 2023 ба 29,1 фоиз расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 2,6 банди фоизӣ зиёд аст. Тавассути бозорҳои хӯрокворӣ, ашё ва омехта дар соли 2023 –юм 37,9 фоизи молҳо фурӯхта шудаанд, ки ҳиссаи он нисбат ба соли 2019-ум 3,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Ҷадвали 6. - Сохтори каналҳои фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои 2019-2023, (млн сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2019, %
Ҳамагӣ	**25456,8**	**27599,7**	**33797,9**	**40047,9**	49096,6	192,9
аз он ҷумла:						
Гардиши моли чакана – ҳамагӣ	**24948,2**	**27024,8**	**33259,5**	**39498,4**	48518,5	194,5
Ҳисса, %						
аз онҳо:	98,0	97,9	98,4	98,6	98,8	+0,8
Савдои чаканаи мағозаҳои молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ	6609,4	7231,5	8421,2	11103,5	14118,1	213,6
Ҳисса дар гардиши моли чакана, %	26,5	26,8	25,3	28,1	29,1	+2,6
Савдои чакана ба воситаи бозорҳои хӯрокворӣ, ашè ва омехта	10410,4	11276,4	12795,8	14875,5	18372,7	176,5
Ҳисса дар гардиши моли чакана, %	41,7	41,7	38,5	37,7	37,9	-3,8
Бозори махсусгардонидашудаи чорвои хонагӣ	2423,4	2520,1	3160,2	3870,7	4645,2	191,7
Ҳисса дар гардиши моли чакана, %	9,7	9,3	9,5	9,8	9,6	-0,1

Сарчашма: [5]

Дар ин давра савдои махсусгардонидашудаи чорвои хонагӣ 91,7 фоиз афзуда аз 2423,4 ҳаз сомонӣ дар соли 2019 ба 4645,2 ҳаз сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Ҳиссаи он дар савдои чакана 9,6 фоизро ташкил намуда нисбат ба соли 2019-ум 0,1 банди фоизӣ кам аст (ҷадвали 7).

Мавқеъӣ бахши ғайри давлатӣ дар савдои маҳсулоти озуқаворӣ доимо афзуда дар соли 2023 ҳиссаи он дар ҷамъи савдо 99,8 фоизро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 38,4 фоиз зиёд аст. Аз он ҷумла, дар бахши ғайридавлатӣ таносуби савдои тиҷоратӣ ба 33,4 фоиз расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 1,6 банди фоизӣ зиёд аст. Бояд

тазаккур дод, ки солҳои охир ҳиссаи савдои кооперативии «Тоҷикматлубот» ба нести расидааст ва дар соли 2023 –юм тавассути онҳо молу маҳсулот фурӯхта нашудааст.

Ин сохтор наметавонад мавқеъи худро дар бозор такмил диҳад, зеро тамоми мағоза ва дуконҳояш ба шахсони алоҳида фурӯхта шудаанд. Дар ин давра ҳиссаи бозорҳо ва дигар сохторҳои тиҷоратӣ дар савдои чаканаи молҳои озуқаворӣ аз ҳама бештар буда дар соли 2023-юм 66,4 фоизро ташкил карда бошад ҳам, вале хиссаи он 0,7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати муосири истеҳсол, истеъмол ва воридоту содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва нақши он дар таъмини талаботи аҳолӣ нишон дод, ки новобаста аз он, ки Тоҷикистон дар минтақаи аридӣ, яъне боришот нисбат ба бухоршавии нам кам аст ва зироаткорӣ ба обёрӣ намудан ниёз дорад, соҳаи кишоварзӣ дар ҳолати рушд қарор дорад.

Ҷадвали 7. -Манбаъҳои ташаккули гардиши моли чакана (бо нархҳои соли 2023, *млн. сомонӣ*)

Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2019,%
Ҳаҷми умумии гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо	34115,8	33399,3	37741,3	**39498,4**	48518,5	**194,5**
Таносуб ба ҳисоби,%	100	**100**	100	100	100	**Х**
-бахши давлатӣ	350,3	159,4	261,2	166,7	95,5	87,0
Таносуб ба ҳисоби,%	1,0	0,5	0,7	0,4	0,2	-1,2
-бахши ғайридавлатӣ	33765,5	33239,4	37480,1	41877,1	48423,0	138,4
Таносуб ба ҳисоби,%	98,6	99,4	99,2	99,6	99,8	+1,2
аз он ҷумла:						
- савдои тиҷоратӣ	10849,6	11099,2	14395,6	15849,6	16230,0	149,6
Таносуб ба ҳисоби,%	31,8	33,2	38,1	37,7	33,4	+1,6
- савдои кооперативии «Тоҷикматлубот»	0,8	0,5	0,5	0,1	0,0	-0,8
Таносуб ба ҳисоби,%	0,0	0,0	0,0	0,0	0,0	Х
- бозорҳо ва дигар сохторҳои тиҷоратӣ	22915,1	22140,2	23084,0	26027,4	32193,0	140,5
Таносуб ба ҳисоби,%	67,1	66,3	61,2	61,9	66,4	-0,7

Сарчашма: [5]

Дар давраи зери таҳқиқот қароргирифта маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ афзуда, самаранокии истифодаи заминҳо таъмин гардиданд.

Бояд тазаккур дод, ки корхонаҳои кишоварзие, ки шуъбаҳои маркетинг доранд, тавонистанд маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро зиёд намоянд, вале хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ (фермерӣ) нисбатан ин

нишондиҳандаро коҳиш доданд. Мақсад аз гузаронидани ислоҳоти аграрӣ баланд бардоштани ҳавасмандии деҳқон ва истифодаи имкониятҳои сармоягузории аҳолӣ ва бо ин роҳ таъмини рушди самараноки хоҷагиҳои кишоварзӣ, вале, мутаассифона, пас аз гузашти 28 сол аз оғози ислоҳоти аграрӣ, хоҷагиҳои навтаъсис натавонистанд натиҷаҳои назаррас ба даст биёранд. Онҳо ба 63,4 фоиз заминҳои кишт соҳиб шуда, танҳо 41,1 фоизи маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол менамоянд.

Таҳлил нишон дод, ки истеъмоли хӯрока ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба меъёри тавсияшудаи физиологӣ, ба истиснои нону ва равған кам шудааст, ки ин аз паст будани қобилияти харидории аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад.

Сатҳи пасти содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ташкили маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, ба такмил ниёз дорад.

Савдои хориҷии маҳсулоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон манфӣ арзёбӣ карда шуда, содирот аз воридоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ 16,4 маротиба камтар аст. Ин дар бораи рақобатпазир набудани маҳсулотҳои соҳаи кишоварзии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар боби 3 “Самтҳои асосии рушди агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзии Тоҷикистон” тавассути таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ, механизми рушди он, такмили бозорҳои наздисарҳадӣ ҳамчун механизми рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ ва кластерикунонии истеҳсолот, шароит барои рушди агромаркетинги маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки яке аз омилҳои боздорандаи рушди кишоварзӣ набудани стратегияи миллии маркетинги кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ягон консепсия, стратегия ва барномаҳои қабулшуда масъалаи маркетинги кишоварзӣ, мушаххас мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Иҷрои ҳадафҳои стратегӣ наметавонад бе таҳияи стратегияи маркетинг амалӣ гардад, ки он дар чор марҳила таҳия карда мешавад. Ҳар як марҳилаи муайяншуда дорои бозорҳои худро дорад ва он бояд муайян бошад, ки дар намуди расм гуруҳбандӣ карда шудаанд. Онҳо аз бозори захираҳо, бозори молҳои истеъмолӣ, бозори яклухтфурӯшӣ ва бозори байналхалқӣ иборатанд .

Муаллиф, зарурати танзими давлатии бозори захираҳоро дар он мебинад, ки арзиши захираҳо тамоюли афзоиш доранд ва истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ дар ҳолати истифодаи онҳо зарари иқтисодӣ мебинанд, бинобар ин нуриҳои минералӣ нисбати меъёр кам истифода шуда, меҳнати дастиро авлотар медонанд. Самаранокии истифодабарии замин ва захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ сол аз сол коҳиш ёфта, ҳолати молиявии хоҷагиҳоро бад карда истодаанд, зеро нархи хизматрасонии об ва барқ тамоюли бемайлони афзоиш доранд

Масъалаи муҳимми маркетинги кишоварзӣ истифодаи бақияи маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли худӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳамасола

зиёда аз 400 ҳ. т картошка, 3 млн т сабзавот, 200 ҳаз. т ангур на коркарди саноатӣ мешаванд ва на ба хорича интиқол меёбанд. Интиқоли меваҳои хушк низ тамоюли пастравӣ доранд. Зарурати таъмини коркарди саноатии ва ба хоричи кишвар интиқол додани онҳо ба миён омадааст.

Дар диссертатсия, марҳилаҳои таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ оварда шуда, исбот карда шудааст, ки он қадам ба қадам амалӣ карда мешавад (расми 7).

Усулҳои гурӯҳи фокусӣ, тадқиқотҳо, мушоҳида, таҷрибаҳо ё тадқиқоти саҳроӣ, мусоҳибаҳо қайд карда шуда, роҳҳои дарёфти иттилооти маркетингӣ ҷамъбаст гардидаанд. Макро ва микромуҳити маркетинг ҷудо карда шуда, хатоҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ тибқи таҳияи стратегияи маркетинги бозори маҳсулоти кишоварзӣ нишон дода шудаанд.



Расми 7. - Марҳилаҳои таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ. Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот амсилаи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзиро таҳия ва пешниҳод карда шудааст (расми 8).

АМСИЛАИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

ВАЗИФАҲО	АМАЛҲО	УСУЛҲО
➢ талабот ба маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагӣ дар бозорҳои наздиктарин; ➢ ғунҷоиши бозорӣ маҳаллӣ, минтақавӣ ва тамоюли афзоиши он; ➢ нархи маҳсулот ва қобилияти харидории аҳолӣ; ➢ талабот ба маҳсулотҳои алоҳида вобаста бо мақсади истифода; ➢ имконияти интиқоли мол ба хориҷи кишвар ва роҳ ёфтан дар бозорҳои байналхалқӣ; ➢ таҳқиқи фаъолияти рақибон ва бартариҳои онҳо; ➢ арзиши аслии маҳсулоти рақибон ва муқоисаи он бо арзиши аслии маҳсулоти хоҷагӣ; ➢ иттилооти саҳеҳ доир ба ҳолати бозор; ➢ ташвиқи мол, чун омили ба фурӯш рафтани он.	➢ дуруст муайян намудани сегменти бозор; ➢ тарбияи мутахассиси таҳлилкунандаи сегменти бозор; ➢ ҳавасмандии ҳамаи кормандони хоҷагӣ дар фурӯши маҳсулотҳои истеҳсолшаванда; ➢ дарк намудани рафтори харидор ва пешгирии аз бозор рафтани он; ➢ дарки мақсади истеъмолкунандагон; ➢ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти нав ва бо сифати баланд; ➢ назорати сусти рафтори рақибон; ➢ низоми ҷамъоварӣ иттилоот доир ба вазъи бозор; ➢ истифодаи технологияи муосири савдо тавассути тамоми каналҳои фурӯш; ➢ ҳамкориҳои мутақобила бо корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рақибон ва сохторҳои давлатӣ; ➢ дастрасӣ ба сармоягузорон, сарчашмаҳои қарзӣ; ➢ таъмини бевоситаи ичрои барномаҳои таҳияшуда ва нақшаҳои истеҳсолӣ; ➢ ҷустуҷӯйи бозорҳои нав; ➢ истифодаи технологияи нави истеҳсолот ва таҷрибаи ҷаҳонӣ; ➢ омилҳои табиӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ғ.	➢ гузаронидани мизҳои мудаввар бо иштироки истеъмолкунандагон, ки дар ҳангоми таҳияи дурнамо ба назар гирифта мешавад; ➢ гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ бо табақаи васеъи истеъмолкунандагонҳои дар асоси таҳияи саволномаҳо; ➢ гузаронидани мушоҳидаҳои оморӣ, таҳлили вазъи муосир ва муайян намудани дурнамо, бо истифода аз усулҳои назарияи эҳтимолӣ, моделсозӣ ва диг.; ➢ мониторинги рафтори харидорон; ➢ омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонии маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ; ➢ омӯхтани таҷрибаи рақибон; ➢ гузаронидани мусоҳибаҳо бо корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулотҳои хоҷагӣ истеҳсолмекарда ва ғ.

СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Расми 8. -Амсилаи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ.
Таҳияи муаллиф.

Ба назар гирифтани ин омилҳо имконият медиҳанд, ки стратегияи таҳияшуда амалӣ гашта, мавқеи хоҷагӣ дар бозор баланд бардошта шавад.

Исбот карда шудааст, ки ташкил ва васеъ намудани бозорҳои наздисарҳадӣ метавонад омили асосии рушди маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ гардад, зеро дар кишвар бо мамлакатҳои ҳамсарҳад, Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Хитой гузаргоҳҳои зиёданд, ки дар онҳо чунин бозорҳоро метавон ташкил намуд. Бо ин роҳ ҳам савдои хориҷӣ такмил ёфта ва ҳам ҷойҳои кории нав таъсис дод.

Ба назари муаллиф, ҳанӯз ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ, ки дар чор ноҳияи ВМКБ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амал менамоянд хеле каманд, зеро имконияти ташкили он дар 7 гузаргоҳи сарҳадии мавқеъ дар қаламрави вилояти Хатлон, 8 –то дар вилояти Суғд ва 1 гузаргоҳ дар шаҳри Турсунзода, 1 –то дар ноҳияи Лахш мавҷуд аст (ҷадвали 8)

Ҷадвали 8. Имкониятҳои ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва рушди савдои хориҷӣ дар солҳои 2025-2030.

Минтақаҳо	Шумораи бозорҳо		Савдои хориҷӣ, ҳаз.долл. ИМА					
	Адад	Ҷои нишаст, нафар	2025	2026	2027	2028	2029	2030
ВМКБ-Афғонистон, Хитой	5	2500	100,0	110,0	121,0	133,1	146,4	161,0
Вилояти Хатлон Афғонистон (6) ва Ӯзбекистон (1)	8	4000	800,0	880,0	968,0	1064,8	1171,3	1288,4
Вилояти Суғд (Ӯзбекистон ва Қирғизистон	8	4000	800,0	880,0	968,0	1064,8	1171,3	1288,4
НТҶ-Ӯзбекистон ва Қирғизистон	2	1000	200,0	220,0	242,0	266,2	292,8	322,1
Ҳамагӣ	23	11500	1900,0	2090,0	2299,0	2528,9	2781,8	3059,9

Сарчашма: ҳисоб муаллиф

Мо барои ҳисоб имконияти истеҳсолии танҳо ноҳияҳои наздисарҳадиро ба эътибор гирифтем. Дар ҳолати ҳамасола 10 фоиз рушд ёфтани иқтидори ин бозорҳо дар соли 2026 савдои хориҷӣ дар ин бозорҳо ба 2090 ҳаз. долл. ИМА, соли 2027 ба 2299,0, соли 2028 ба 2528,9, соли 2029 ба 2781,8 ва соли 2030 ба 3059,9 ҳаз. долл. ИМА хоҳад расид. Дар сурати ташкил намудани 500 ҷои нишаст аз ду тараф дар як сол дар ин бозорҳо 11500 нафар аҳоли машғул ба тиҷорат меафзояд. Асосан, ин

бозорҳо мавсимӣ амал менамоянд, вале дар шароити идораи самаранок онҳо метавонанд доимоамалкунанда гарданд.

Кластерикунонии истеҳсолот, чун самти асосии такмили рушди маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ дониста шуда, муаллиф қайд намудааст, ки истеҳсоли як қатор маҳсулоти кишоварзӣ самаранокии паст дошта, ҳангоми ҷамъоварӣ, боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯш талаф меёбанд ва бо сабаби набудани маблағҳои кофӣ корхонаҳои коркарди саноатӣ маҳсулотҳои соҳаро харида натавониста қариб, ки фаъолият намекунанд. Яке аз маҳсулотҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ пахта ба ҳисоб меравад, ки истеҳсоли он сол аз сол коҳиш ёфта, вале харидори худро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар дорад Дар диссертатсия шакли схематикӣ дурнамои занҷири технологии истеҳсол, нигоҳ доштан, коркарди саноатии онро то маҳсулоти ниҳоӣ пешниҳод карда шудаанаст расми 9).



Расми 9. - Тадбирҳои стратегии таъмини самаранокии маҳсулоти пахта.
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот хулоса карда шудааст.

Аз ин ҷо ҳукумати кишвар Консепсияи кластерикунониро то соли 2040 таҳия ва пешниҳод намудааст. Тибқи он дар диссертатсия модели кластерикунонии соҳаи пахтакорӣ пешниҳод ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст (расми 10)..



Расми 10. - Амсилаи ташкили кластери пахта.

Таҳияи муаллиф.

Бо истифода аз усулҳои оморӣ дурнамои самаранокии истеҳсол, коркарди саноатии пахтаро то солҳои 2030 ҳисоб намуда, исбот карда шудааст, ки самаранокии маҳсулоти пахта ҳангоми ташкили кластер барои истеҳсолкунандагон ва давлат баланд аст (ҷадвали 9).

Ҷадвали 9. - Дурнамои самаранокии ташкили кластерҳои пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2025-2030

№	Нишондиҳандаҳо	Хоҷагиҳои кишоварзӣ			Заводҳои пахта			Фабрикаҳои калобаресӣ		
		2023	2025	2030	2023	2025	2030	2023	2025	2030
1.	Даромад аз фурӯши 1.т пахта, сомонӣ	7000	12000	15000	8802[1]	9600	10560		x	x
2.	Даромад аз ҳисоби коркарди саноатӣ	x	x	x	x	x	x	10823,5	13000	15400
2	Арзиши аслии 1 т пахта, нахи пахта ва калоба,сомонӣ	8858	9743	10718	7405	7680	7987,2	9330,6	10054,3	11047,3
3.	Андоз (андози иҷтимоӣ ва замин), сомонӣ	1410	1551	1706	880,2	960	798,7	1007,7	1116,0	1323,7
4.	Ҷамъи хароҷотҳо, сомонӣ	10268	11294	12424	8285,2	8640	8785,9	10338,3	11170,3	12371,0
5.	Фоида аз истеҳсол ва коркарди 1 т пахта	-3268	706	2576	516,8	960,0	1774,1	485,2	1829,7	3029
6.	Сатҳи даромаднокӣ, %	-31,8	6,8	20,7	6,2	11,1	20,2	4,7	16,3	24,5

[1] Арзиши нахи пахтаи аз 1 т. пахтаи хом истеҳсолшуда (26406Х0,33)

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф бо истифода аз маълумотҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва заводҳои коркарди пахта

Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти соли 2023 даромад аз фурӯши 1 тонна пахтаи хом 7000 сомониро ташкил намуд, ки аксари хоҷагиҳои кишоварзӣ аз истеҳсоли он зарари иқтисодӣ гирифтанд. Арзиши аслии 1 т пахтаи хом бо дарназардошти андози замин ва андози иҷтимоӣ 10268 сомониро ташкил намуд ва хоҷагиҳо аз истеҳсоли 1 т пахта 3268 сомонӣ зарари иқтисодӣ гирифтанд. Бо ин сабабҳо нақшаи кишти пахта дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 19,4 ҳаз. га коҳиш ёфт.

Заводҳои коркарди пахта аз коркарди 1 т пахтаи хом 330 кг нах, 50 кг линт, 12 пух, 560 кг пундона истеҳсол намуда, 8832 сомонӣ даромад гирифтаанд. Фоидаи софи заводҳои пахта ба 516,8 сомонӣ баробар буда, дараҷаи даромаднокӣ 6,2 фоизро ташкил дод.

Корхонаҳои саноатии калобаресӣ аз коркарди 1 т нахи пахта 485,2 сомонӣ фоида ба даст овардаанд. Дараҷаи даромаднокии коркарди саноатии маҳсулоти ниҳоӣ 4,7 фоизро ташкил намуд.

Чуноне ки дурнамои ҳисобнамудаи мо дар ҷадвали 5 овардашуда нишон медиҳад, дар сурати ташкили кластер дар соли 2025 метавонад дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳои пахтакорро то 6,8 фоиз, заводҳои пахтатозакуниро то 11,1 ва корхонаҳои коркарди нахи пахтаро то 16,3 фоиз расонад. Дар соли 2030 ин нишондиҳанда метавонад мутаносибан ба 20,7; 20,2 ва 24,5 фоиз расонад.

Дар умум самаранокии истеҳсоли пахтаи хом барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, заводҳои пахтатозакунӣ, заводҳои коркарди саноатии маҳсулоти тайёр афзуда, буҷети давлат низ ғанӣ гардонида мешавад.

Бо истифода аз усулҳои оморӣ дурнамои истеҳсоли пахта ва маҳсулоти пахтаро то маҳсулоти ниҳоӣ дар давраи то соли 2030 муайян намудем (ҷадвали 10).

Ҷадвали 10. - Дурнамои истеҳсоли пахта ва маҳсулоти пахтагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024-2030.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						
	2024	2025	2026	2027	2028	2029	2030
Пахта, ҳаз.т	435	440	446	452	458	464	470
Нахи пахта, ҳаз.т	141,3	145,7	150,3	155,1	160,5	166,1	171,9
Чигит, ҳаз.т	243,6	246,4	249,8	253,1	256,5	260,0	263,2
Калоба, ҳаз.т	32,0	42,4	54,8	56,6	58,6	60,6	62,7
Газворҳои пахтагин, ҳаз.м^2	58,0	81,3	112,2	116,0	119,5	123,6	127,9
Равғани пахта, ҳаз т.	33,9	40,0	47,0	47,6	48,2	48,9	49,5
Кунҷора, ҳаз.т	204,8	201,5	197,8	200,4	203,2	205,9	208,4

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи [2].

Нишондиҳандаҳои дурнамои истеҳсоли пахта, нахи пахта, калоба ва газворҳои пахтагин барои солҳои 2024-2026 дар «Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

солҳои 2024-2026», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №308, аз 30 июни соли 2023 тасдиқ шудааст, гирифта шудааст. Дурнамои истеҳсоли чигит, равғани пахта, кунҷораро бо истифода аз методологияи оморӣ мо ҳисоб намудем.

Хулоса
Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар адабиёти илмӣ маркетингро яке чун фаъолият, дигаре фалсафа ва консепсияи соҳибкорӣ, сеюмин чун вазифаҳои идора, чорумин инструментарияи иқтисоди бозорӣ, панҷумин, низоми комплексии соҳибкорӣ ва шашумин қисми илми иқтисодӣ донистааст. Доир ба дурустии онҳо мо шубҳа надорем, вале ба назари мо илм фаъолият, ҷараён, сиёсат ва амсоли инҳо нест. Вале мо онро чун илм доир ба фурӯши мол ва хизматрасониҳо аз тавлиди ғоя, истеҳсол, нигоҳдорӣ то ба истеъмолкунанда расонидани онро медонем.

2. Методологияи амалкунадаи фаъолияти маркетингии соҳаи кишоварзӣ тамоми ҷабҳаҳои маркетингро ҳамчун илм тавсиф карда наметавонад, зеро он ба ҳолати муосири нишондиҳандаҳои маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, аз истеҳсолот то фурӯшро дар бар намегирад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия амсилаи идоракунии маркетингро дар соҳаи кишоварзӣ гурӯҳбандӣ намуда, сохтори функсияҳои маркетингро тасниф намуда, вазифаи умумӣ ва вазифаи мушаххаси маркетинг ҷудо карда шудааст. Матритсаи функсияҳои фаъолияти маркетингӣ таҳия карда шудааст. Дар маҷмуъ, дар таркиби таснифоти пешниҳодшуда шаш вазифаи умумӣ ва понздаҳ вазифаи мушаххаси маркетинг шомил карда шудааст.

3. Маркетинги муосири маҳсулоти кишоварзӣ, хусусиятҳои хоси маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла:

- вобаста ба таснифоти мол (технологияҳои истеҳсолот, хусусияти методологӣ, ташкилӣ, сохторӣ, иқтисодӣ, танзими давлатӣ);
- вобаста ба идораи аз ҷиҳати илмӣ асоснок;
- вобаста ба фаъолият- истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;
- вобаста ба бозор - ҷустуҷӯйи бозорҳои нав, амсилаи нави фурӯши маҳсулот, истеҳсоли моли сифатан беҳтари маҳсулот;
- вобаста ба таъмини даромаднокӣ – истеҳсоли маҳсулот бо сарфи ками хароҷот;
- вобаста ба таъмини рақобатпазирӣ - танзими давлатии савдои хориҷии маҳсулоти кишоварзиро ба назар намегирад.

Мақсад аз гузаронидани ислоҳоти аграрӣ баланд бардоштани ҳавасмандии деҳқон ва истифодаи имкониятҳои сармоягузории аҳолӣ ва бо ин роҳ таъмини рушди самараноки хоҷагиҳои кишоварзӣ буд, вале, мутаассифона, хоҷагиҳои навтаъсис натавонистанд натиҷаҳои назаррас ба даст биёранд. Онҳо ба 63,4 фоиз заминҳои кишт соҳиб шуда, танҳо 41,1 фоизи маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол менамоянд. Аз як га

заминҳои кишт 31,7 ҳаз. сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ 3,6 баробар ва нисбат ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ (корхонаҳои кишоварзӣ) 80,8 фоиз кам маҳсулот истеҳсол намудаанд.

4. Савдои хориҷии маҳсулоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон манфӣ арзёбӣ карда шуда, содирот аз воридоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ 16,4 маротиба камтар аст. Ин дар бораи рақобатпазир набудани маҳсулоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

5. Омилҳои боздорандаи рушди идораи маркетинги кишоварзӣ:

- идораи ғайрисамаранок истифода бурдани замин, об, захираҳои меҳнатӣ, нисбати меъёр кам истифода бурдани нуриҳои минералӣ ва органикӣ, сатҳи пасти таъмини талабот бо техника, сӯзишворӣ, захираҳои молиявӣ дониста шудааст;
- тамоюли афзоиши аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои таъиноти кишоварзӣ;
- ҳолати мелиоритивии заминҳои корам бад шуда, солимгардонии заҳбуру заҳкашҳо ба дараҷаи хеле паст қарор дошта, ба афзоиши дараҷаи шӯршавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ оварда расонид;
- истифодаи ғайрисамараноки об;
- афзоиши нархи барқ ҳолати молиявии хоҷагиҳои обро бад намуд. Коэффисенти самаранок истифодабарии ҳақиқии об танҳо 20%-ро ташкил менамояд;
- таъмини талаботи кишоварзон бо тухмии босифат, зоти пурмаҳсули чорво, нуриҳои минералӣ, техникаи кишоварзӣ, сӯзишворӣ, маблағҳои пулӣ ба ҳисоб меравад, ки сатҳи пасти сифати онҳо нигаронкунанда мебошад;
- сатҳи пасти бо техникаи кишоварзӣ муҷаҳҳаз будани хоҷагиҳои кишоварзӣ, омили дигари боздорандаи рушди соҳа буда, таъминоти талаботи соҳаи кишоварзӣ бо техника, аз 0,2 то 56 фоиз таъмин ҳасту халос, ки боиси паст шудани ҳосилнокии меҳнат мегардад;
- сатҳи бо пул таъмин намудани талаботи хоҷагиҳои кишоварзӣ паст буда, ҳиссаи қарзҳои бонкии ба кишоварзӣ додашаванда танҳо ба 14,1 % баробар буда, арзиши қарзҳо ниҳоят баланданд, ки боиси баланд шудани зарари истеҳсолии соҳа ва афзоиши қарзҳои кредиторӣ гардидаанд;
- ҷалби сармоягузорӣ ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ кам буда, ҳиссаи ин соҳаҳо дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ зиёд буда, дар сармоягузорӣ ва қарзгузорӣ кам аст;
- набудани стратегияи миллии маркетинги кишоварзӣ боиси иҷро нагаштани ҳадафҳои стратегӣ гардидаанд. Ҳамасола зиёда аз 400 ҳ т картошка, 3 млн т сабзавот, 200 ҳаз т ангур на коркарди саноатӣ мешаванд ва на ба хориҷа интиқол меёбанд. Интиқоли меваҳои хушк низ тамоюли пастравӣ доранд. Зарурати таъмини коркарди саноатӣ ва ба хориҷи кишвар интиқол додани онҳо ба миён омадааст.

6. Бозори захираҳои ба соҳаи кишоварзӣ равонашуда ба танзими давлатӣ ниёз доранд, зеро монополияи бозор деҳқонро аз сарчашмаҳои нисбатан арзони захираҳо дур намуда, пас аз чанд дасте он барои истифода ба деҳқон мерасад. Хариду фурӯши ҳар як марҳилаи муайяншуда бозорҳои худро дорад ва он бояд муайян бошад, ки дар намуди расм гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Дар натиҷа, истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ дар ҳолати истифодаи онҳо зарари иқтисодӣ мебинанд, бинобар ин, ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ боло намеравад.

Тавсияҳо оид ба амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот:

1. Моҳияти идораи маркетинги маҳсулоти кишоварзиро такмил дода, нуқтаи назари муаллифии ибораи маркетинг дар мазмуни зерин «маркетинг ҳамчун илм асосҳои идоракунии фуруши мол ва хизматрасониро аз тавлиди идеяҳо, ташкили истехсолот, нигоҳ доштан ва ба истеъмолкунанда расонидан»-ро меомузад;

2. Усулҳо ва моделҳои идоракунии маркетингро дар комплекси агросаноатӣ гурӯҳбандӣ намуда, сохтори функсияҳои маркетингро тасниф намуда, вазифаи умумӣ ва вазифаи мушаххаси маркетинг ҷудо карда шудааст. Матритсаи функсияҳои фаъолияти маркетингиро таҳия гардидааст;

3. Хусусиятҳои идораи маркетинги истеҳсолоти кишоварзиро аз рӯйи характери мол, технологияи истеҳсолот, хусусиятҳои методӣ, ташкилӣ, сохторӣ, иқтисодӣ танзими давлатӣ дар намуди расм тасвир карда, вобастагии онро бо хусусиятҳои хоси соҳа вобаста карда, муайян карда шудааст, ки бархӯрди манфиатҳо байни истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо ва истеъмолкунандагон ба он оварда мерасонад, агар манфиатҳои истеҳсолкунанда таъмин нагардад, хавфи аз ин тиҷорат даст кашидани деҳқонон ба миён меояд, ки ба амнияти озуқаворӣ таҳдид менамояд;

4. Пешниҳод карда шудааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ИМА доир ба такмили маркетинг тавассути бунёди корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, Иттиҳоди Аврупо доир ба истифодаи технологияи муосири истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, Хитой доир ба ҷустуҷӯйи бозорҳои нав, Россия хариди давлатии маҳсулоти озуқаворӣ, Қазоқистон коҳиш додани шумораи миёнаравҳо метавонад мавриди истифода қарор гирад;

5. Ба ҳолати муосири идораи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ баҳо дода, муайян карда шудааст, ки дар шароити ташкили хоҷагиҳои хурди инфиродӣ ташкили сохтори алоҳидаи маркетинг дар ин хоҷагиҳо самаранок нест, бинобар ин, пешниҳод шудааст, ки дар сохтори раёсатҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳо шуъбаҳои маркетинг таъсис дода шуда, онҳоро вазифадор намуд, ки ба деҳқонон дар дастрас намудани захираҳо ва фурӯши маҳсулот кумак намоянд, зеро маҳсулоти

истеҳсолкарда аз талаботи дохилӣ зиёд дар бозори хориҷӣ харидори худро наёфта, талаф меёбанд.

6. Самтҳои асосии рушди идораи маркетинги маҳсулоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон тавассути таҳияи стратегияи маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ, васеъ намудани бозорҳои наздисарҳадӣ, ташкили кластерҳои агросаноатӣ пешниҳод карда шудаанд.

ФЕҲРИСТИ
ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Ҷанбаҳои институтсионалии иқтидори содиротии комплекси агросаноатии Тоҷикистон/ Идоракунии давлатӣ//Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - №4/2 (49). С. 114-119.

[2-М]. Усулҳо, функсия ва вазифаҳои идоракунии маркетинг/ Идоракунии давлатӣ/Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - №4/2 (54). С. 81- 91.

[3-М]. Усулҳои назариявӣ барои таҳияи моделҳои ҳозиразамон (ҷорӣ)-и идоракунии маркетинг/ Идоракунии давлатӣ/Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - №4/2 (59). С. 132-139.

[4-М]. Моҳияти идораи маркетинг, ҳамчун шохаи илми иқтисодӣ/ Идоракунии давлатӣ/Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - №4/3 (65). С. 160-169.

[5-М]. Раҳмонзода Д.Р. Такмили бозорҳои наздисарҳадӣ ҳамчун механизми рушди идоракунии маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ. Паёми молия ва иқтисод. 2024. 4.2 (43). - Саҳ: 317-327

[6-М]. Раҳмонзода Д.Р. Кластерикунонии истеҳсолот, самти асосии такмили идоракунии маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ [Матн] / И.С. Ашуров, Д.Р. Раҳмонзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2025. - №2. – С.

2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣамалӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Рушти босуботи ҳудудҳои деҳот дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон / Маводи конфронсияи илмию амалӣ “Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои ҶТ” Институти иқтисодиёти кишоварзии АИК1 (Душанбе 27 ноябри соли 2019) саҳ. 82-87

[8-М]. Основные формы государственного регулирования в отрасли сельского хозяйство/Маводи конфронсияи илмию амалӣ “Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарвари ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои ҶТ” Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ (Душанбе, 27 ноябри соли 2019) саҳ.193-199

[9-М]. Ташаккул ва рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон/ Маводи мизи мудаввари илмию амалӣ дар мавзӯи “Дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ” Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ (Душанбе, 25 ноябри соли 2020) 6 саҳ

[10-М]. Хусусиятҳои хоси идораи маркетинги кишоварзӣ маводи конфронсияи “механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд” Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. - саҳ. 348-360

АКАДЕМИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

УДК: 338.43 (575.3)

На правах рукописи

РАХМОНЗОДА ДИЛОВАР РАХМОН

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ АГРОМАРКЕТИНГА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ ТАДЖИКИСТАНА

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.04.02- Экономика агропромышленного комплекса

Научный руководитель: Ашуров И.С.
доктор экономических наук, профессор

Душанбе-2025

Диссертация выполнена в Институте экономики и системного анализа развития сельского хозяйства

Научный руководитель:	**Ашуров Ихтиёр Саидович,** доктор экономических наук, профессор кафедры финансов и кредита Российско-Таджикского (Славянского) университета
Официальные оппоненты:	**Аминов Иномджон,** - доктор экономических наук, доцент, профессор кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета,
Оппонирующая организация:	**Хасанзода Фарзона Шермадхон,** - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

Ведущая организация: Таджикский государственный университет коммерции

Защита диссертации состоится «05» июля 2025 г. в 13^{00} часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-016- при Таджикском аграрном университете имени Ш. Шотемур, (734003, г. Душанбе, пр. Рудаки,146. E-mail: olimov-1976 @mail.ru, телефон ученого секретаря: (+992) 101-17-90-90)

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в научной библиотеке ТАУ имени Ш. Шотемур. www.taiagroun.tj

Автореферат разослан «____» _____ 2025 года.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
кандидат экономических наук, доцент Олимов А.Х.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. С момента начала кардинальных реформ в агропромышленном комплексе Республики Таджикистан прошло более 30 лет. За этот период в сельском хозяйстве сформировались различные формы хозяйствования, был реализован институт частной собственности, а плановая экономика была заменена рыночной экономикой. Ожидалось, что структурные изменения в хозяйственной системе и развитие частной собственности увеличат мотивацию производителей сельскохозяйственной продукции, что, в свою очередь, должно было привести к значительному росту производительности труда в сельском хозяйстве. Однако этого не произошло. Производительность труда в сельском хозяйстве составила 16,1 сомони на одного человека в час, что почти в 11 раз ниже, чем в промышленности. Использование трудовых ресурсов в сельском хозяйстве по сравнению с 2019 годом увеличилось на 7,4%. Доля сельского хозяйства в структуре ВВП увеличилась на 3,4 процентных пункта, достигнув 24,3%. Доля продовольственных товаров в структуре импорта составила 19,6% [1; 3; 4].

В целях обеспечения продовольственной безопасности и доступа населения к качественным продуктам питания управление маркетингом сельскохозяйственной продукции является одним из основных механизмов. Именно по этой причине «Развитие рынка сельскохозяйственной продукции и устранение проблем доступа на рынок производителей сельскохозяйственной продукции» считается важной стратегической задачей [6].

Недостатки аграрных реформ, особенно в регионах с избыточными трудовыми ресурсами в сельской местности и нехваткой плодородных земель, проявились негативным образом. Низкий уровень развития агропромышленного комплекса и других отраслей экономики в период реформ привел к росту безработицы, снижению уровня жизни, усилению социальной напряженности.

Сельское хозяйство является основной отраслью экономики Республики Таджикистан, и его развитие может привести к решению важных социальных проблем.

Необходимо учитывать, что в последние годы импортные продовольственные товары занимают значительную долю на продовольственном рынке страны, в частности за 2019-2023 годы на продовольственный рынок страны, в среднем было импортировано 1072,3 тыс. т пшеницы, 68,9 тыс. т муки, 15,1 тыс. тонн картофеля, 103,5 тыс. тонн растительного масла, 14,7 тыс. тонн овощей, 32,8 тыс. тонн фруктов, 15,9 тыс. тонн мяса и мясопродуктов, 8,2 тыс. тонн молока и молочных продуктов, 155,5 тыс. тонн сахара [1].

При этом только в 2023 году 722,1 тыс. тонн картофеля, 2712,0 тыс. т овощей, 559,4 тыс. т фруктов, ягод и винограда, 683,3 тыс. т молока и

молочной продукции не подвергались промышленной переработке и не были экспортированы за пределы страны [3].

Эта ситуация свидетельствует о низком уровне организации агромаркетинга сельскохозяйственной продукции. Из-за отсутствия структур по управлению маркетингом сельскохозяйственной продукции, от сельскохозяйственных предприятий до городского и областного уровней страны, ежегодно значительная часть продукции теряется. Низкий уровень товарности продукции указывает на то, что стратегический план сбыта сельскохозяйственной продукции не был разработан. Контроль за продажей продукции полностью возложен только на производителей. Промышленные предприятия по переработке сельхозпродукции, из-за нехватки средств, не могут закупать и перерабатывать продукцию, произведенную дехканами во время сбора урожая. В стране практически исчезли коммерческие структуры по закупке и хранению сельскохозяйственной продукции. Рынок сельскохозяйственной продукции оказался под контролем рыночных посредников, не оставив места дехканам на рынке. Посредники покупают продукцию у дехканина по заниженным ценам и перепродают ее потребителям по завышенным ценам в несколько раз дороже. Отсюда кредитные обязательства аграрного сектора к концу 2023 года превысили 3 млрд. сомони. Ситуация дошла до того, что производители стратегической хлопковой продукции понесли экономические убытки от производства до 4 сомони за 1 кг хлопка-сырца и до 21 сомони за 1 кг от производства коконов шелкопряда.

К сожалению, ответственные структуры отрасли, министерства и ведомства игнорируют данную ситуацию, что приводит к ежегодному снижению производства этих стратегических продукций. Данная ситуация требует от государства принятия незамедлительных мер в системе производства и сбыта продовольственной продукции путем принятия специальных программ, поскольку если своевременно не принять меры, то продовольственная безопасность страны окажется под угрозой.

Государству Таджикистан необходимо внедрить новые способы хранения сельскохозяйственной продукции в частности созданием холодильных складов, потому что рынки России и Казахстана уже заняты государствами Узбекистан и Кыргызстан. В связи с этим заключение межгосударственных соглашений о закупке сельскохозяйственной продукции является острой необходимостью.

Поиск новых рынков сбыта сельскохозяйственной продукции в других странах, таких как Афганистан, Узбекистан, Кыргызстан и Китай, посредством создания приграничных рынков, может быть очень эффективным решением. Заключение межгосударственного соглашения с Пакистаном может способствовать решению проблемы реализации нашей сельскохозяйственной продукции.

Степень научной разработанности исследуемой проблемы. Исследование данной темы включает в себя работы всемирно известных учёных, среди которых: Филип Котлер [40], Джек Траут [34], Барден Фил [23], Карл Сьюэлл [37],, Пол Браун [37],, Чан Ким [51],, Рене Моборн [51],, Дэвид Огилви [35],, Гарри Беквит [29],, Сет Годин [47],, Роберт Чалдини [45],, Эль Райс [52]. и др.

В последние годы вопросами управления аграрным маркетингом занимались российские ученые Г. Г. Абрамишвили [15],, Г. П. Абрамова [16],, Е. Ерлыгина. Г [8],., Яманов А. А [8],., Большаков Н [7]., Ковалева И.В [9].,., Кузубов А. А [10]., Митякина Т.А [12]., Александр Р [17]., Клюкач В.А [38]., Багиев Г.Л [21]., Гайдаенко А.А [27]., Кулак С.Н [41]., Неганова В.П [44]., Лойх И.М [42]., Цыпкин Ю.А [50]., Люкшинов А.Н [50]., Эриашвили Н.Д [50]. и др.

Теоретические основы и практическая оценка управления сельскохозяйственным маркетингом были рассмотрены в работах таджикских ученых Аминова И.А [19]., Бозорова Ш.Ш [25]., Бойматова А [26]., Ганиева Т.Б [28]., Зикриёева Ф.Ф [36].,Кодирова Г.Т [39]., Мадаминова А.А [11]., Сарабековой И.З [46]. и др.

В частности, в последние годы ряд ученых провели исследования и защитили научные диссертации по различным аспектам маркетинга в сельском хозяйстве: Аллашукуров Б.Э [18]. по проблемам конкурентоспособности сельскохозяйственной продукции, Арипов О.Х [20]., - устойчивое развитие розничной торговли, Германчук А.Н [30]. - трейд-маркетинг, Дадоходжаев А.А [31]. - формирование рынка продукции животноводства, Джалолов А.А [32]. - развитие рынка государственных закупок, Джамшедов М [33]. - социально-экономическое развитие рынка потребительских товаров, Зикрияев Ф.Ф [36]. - формирование и развитие структуры управления маркетингом, Мухторзода С.С [53]. - формирование и развитие организованной торговли, Накимов С.П [43]. - рынок мяса и механизм государственного регулирования, Сарабекова И.З [46]. – применение инновационного маркетинга на рынке продовольственных товаров, Урунова С.А [48]. - развитие мерчендайзинга на розничном рынке, Ходжибаева М.А [49]. - особенности регионального потребительского рынка и др.

Исследования таджикских ученых в основном посвящены методам исследования рынка и различным процедурам укрепления позиций отечественных производителей на агропродовольственном рынке. Вместе с тем, вопросы формирования системы управления маркетингом в сельском хозяйстве, охватывающие все уровни - изучение теоретических и методологических основ управления аграрным маркетингом, оценка его текущего состояния с выявлением проблем управления и разработка конкретных предложений по его совершенствованию - не получили достаточного научного внимания, восполняя существующий пробел в

данной области, настоящая диссертация посвящена исследованию этих вопросов.

Связь работы с научными программами (проектами) и темами. Диссертационные исследования имеет прямую связь с законодательными и стратегическими документами Республики Таджикистан, включая: Закон Республики Таджикистан «О перспективах, концепциях, стратегиях и государственных программах социально-экономического развития Республики Таджикистан», «Национальную стратегию развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», «Государственную программу развития экспорта Республики Таджикистан на 2021-2025 годы», «Программу развития агропродовольственной системы и устойчивого сельского хозяйства на период до 2030 года», долгосрочные цели и приоритеты развития. страны, озвученные Президентом Республики Таджикистан в посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2014-2025 годах, «Среднесрочную программу развития Республики Таджикистан на период 2016-2020 годов».

ОСНОВНОЕ СОДЕРЖАНИЕ

Цель исследования. Разработка научно-методических положений и прикладных рекомендаций по формированию и функционированию агромаркетинга сельскохозяйственной продукции.

Задачи исследования. В соответствии с этой целью были поставлены и решены следующие задачи:

- исследование сущности и принципов агромаркетинга и его современных форм;
- изучение методологических аспектов развития агромаркетинга сельскохозяйственной продукции;
- определение особенностей агромаркетинга сельскохозяйственной продукции;
- исследование мирового опыта агромаркетинга сельскохозяйственной продукции;
- анализ современного состояния развития агромаркетинга и его роли в развитии отрасли сельского хозяйства Таджикистана;
- определение основных направлений развития агромаркетинга сельскохозяйственной продукции Таджикистана, посредством:
  - ✓ разработки маркетинговой стратегии сельскохозяйственной продукции, как механизма совершенствования ее управления;
  - ✓ совершенствования приграничных рынков, как направление развития агромаркетинга сельскохозяйственной продукции;
  - ✓ кластеризации производства, как условия для развития агромаркетинга сельскохозяйственной продукции.

Объектом исследования являются организационно-экономические отношения, возникающие при развитии агромаркетинга сельскохозяйственной продукции Таджикистана.

Предметом исследования является развитие аграрного маркетинга сельскохозяйственной продукции и направления его совершенствования.

Гипотеза исследования. Гипотеза исследования заключается в выявлении взаимосвязи и зависимости развития аграрной экономики Таджикистана от уровня агромаркетинга сельскохозяйственной продукции, а также в обосновании необходимости организации отделов маркетинга в сельскохозяйственных хозяйствах с целью обеспечения эффективной реализации произведенной продукции.

Теоретические основы исследования составляют научная литература классических и современных зарубежных и отечественных исследователей, законы, концепции, стратегии и программы Республики Таджикистан, указы и послания Президента Республики Таджикистан в Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, данные Агентства статистики при Президенте Республики Таджикистан, Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, материалы, опубликованные в периодических изданиях, а также исследования, проведенные автором.

Источник исследования. В качестве первичной информации использовались законы и постановления Правительства Республики Таджикистан, государственные программы по научной тематике, данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, Министерства экономики и торговли Республики Таджикистан.

Исследовательская база. Диссертационные исследования проводились при Институте экономики и системного анализа развития сельского хозяйства.

Научная новизна исследования:

- на основе исследования научных трудов, концепций, стратегий и государственных программ, защищенных в последние годы диссертаций и периодической литературы представлена авторская точка зрения на термин «маркетинг» в контексте: «Маркетинг, является одной из основных ветвей экономической науки, изучающей процесс продвижения товаров и услуг от зарождения идеи, организации производства, хранения и доведения продукции и услуг до потребителя»;
- классифицированы методы и модели управления маркетингом в сельском хозяйстве, систематизирована структура маркетинговых функций, выделены общие и специфические задачи агромаркетинга. Разработана матрица функций деятельности агромаркетинга, в которой общие задачи представлены горизонтально, а специфические задачи – вертикально;
- особенности развития агромаркетинга сельскохозяйственного производства зависят от характера товара, состояния сельскохозяйственных земель, длительности производственного процесса, несовпадения производственных затрат и финансовых

результатов в пределах одного года, быстропортящихся свойств продукции и других факторов. Возникает конфликт интересов между производителями, посредниками и потребителями, каждый из которых стремится получить максимальную выгоду. Доказано, что при отсутствии рентабельности производства из-за низких цен на продукцию существует риск отказа дехкан от данного вида коммерции, что создает угрозу продовольственной безопасности.

- по результатам исследования развития агромаркетинга сельскохозяйственной продукции в зарубежных странах предложено, что для Республики Таджикистан может быть эффективным использование опыта США - по совершенствованию маркетинга путем создания промышленных предприятий по переработке сельскохозяйственной продукции, Европейского Союза - в применении современных технологий производства продовольственной продукции; Китая - в поиске новых рынков сбыта, России - по государственным закупкам продуктов питания, Казахстан – сокращение количества посредников;

